# Шаҳзодаи хурдакак

*Антуан де Сент – Экзупери*



Электроникардаи
Азамат Астанаев

АНТУАН ДЕ СЕНТ – ЭКЗУПЕРИ

# *Шаҳзодаи хурдакак*

Душанбе
«Адабиёти бачагона»
2020

ББК 84.4/8+84.4фр+83.8
А-72

Муҳаррир: *Сафар Амирхон*
Аз русӣ тарҷумаи: *Талъат Нигорӣ*

**Антуан де Сент – Экзупери**
**А-72 Шаҳзодаи хурдакак** «Адабиёти бачагона», Душанбе, 2020. 96 саҳ.

ISBN 978-99975-75-21-0

© «Адабиёти бачагона», 2020

## Афсонаи нависандаи Фаронса
## Антуан де Сент-Экзупери
## “Шаҳзодаи хурдакак”

Нависандаи номии Фаронса ва ҳавопаймои касбӣ Антуан де Сент-Экзупери соли 1944 дар синни 44-солагӣ ҳангоми парвози ҷангӣ ҳалок шудааст. Ӯ ҳавопаймои ҳарбии кашф буд. Антуан ҳамеша мехост, ки қаҳрамонҳои асарҳояш дар зиндагӣ ҳам қаҳрамони ҳақиқӣ бошанд. Ӯ қаҳрамонҳояшро чун одамони дорои қувваи бузурги ботинӣ, ки барояшон мафҳумҳои масъулиятшиносӣ, талаботи баланди ахлоқӣ нисбати худу дигарон чизҳои воқеианду, ҳамеша ба ҷонфидоӣ тайёранд, тасвир мекард. Худ низ ҷонфидо гардид. Фидокори роҳи озодии ватанаш аз фашизм.

Асарҳои Антуан де Сент-Экзупери “Ҳавопаймои хаткашони ҷануб”, “Парвози шабона”, “Сайёраи мардумон”, "Ҳавопаймои ҳарбӣ", “Мактубе ба гаравгон”, афсонаи “Шаҳзодаи хурдакак” номи ӯро машҳури ҷаҳон ва абадӣ гардониданд.

Афсонаи “Шаҳзодаи хурдакак”-ро Экзупери соли 1942 дур аз ватан - дар Ню-Йорк навиштааст. Ин китоб бори аввал дар ҳамон ҷо, соли 1943 аз чоп баромад.

Ҳоло “Шаҳзодаи хурдакак”, ки "афсонаи бачагона барои калонсолон” аст, ба бисёр забонҳои дунё тарҷума шудааст.

“Шаҳзодаи хурдакак”-и Антуан де Сент-Экзупери афсонаест барои калонсолон, ки бо оҳанги кӯдакона, бо сабке, ки хоси фаҳмиши бачаҳост, навишта шудааст.

Ақлу заковати кӯдак дар содагии ӯст, одамият, инсонигарии ӯ ҳоло гум нашудаву худ бовариро ба мардум гум накардааст.

Муносибати кӯдаки пок ба инсону табиат воситаест, ки Сент-Экзупери барои ифодаи навъи инсон - инсоне ки ҳанӯз вайрон нашудааст ва инсоне, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ вайрон шудааст, истифода мекунад.

Дар дунёи беканор Шаҳзодаи хурдакак бо як зиндагии бемаъние, ки шаклҳои гуногун дорад, вомехӯрад. Бо мансабпарастии бемаънӣ, худпарастии бемаънӣ, чизпарастии бемаънӣ, бо илми беамал, ки машғулият бо он ҳеҷ маънӣ надорад, дучор мегардад. Ӯ ҷӯёи инсон аст. Маълум мешавад, ки бе мардумон будан бад аст, вале бо онҳо будан ҳам осон нест.

Корҳое, ки мардум мекунанд, агар аз бинишгоҳи одамӣ нигарем, аз ақл берун аст, қобили дарк нест.

Дар дунёи бӯқаламун Шаҳзодаи хурдакак бо асли зиндагӣ, ҷавҳари он, ҳақиқати он вомехӯрад. Ҳақиқати муҳим ва бебаҳоро ба ӯ Рӯбоҳ мегӯяд.

Байни мавҷудоти зинда муносибати бепарвоёна, бегонагӣ не, балки меҳру муҳаббате ҳаст. Ба гуфти Рӯбоҳ зарур аст, ки "дастомӯз"-и ҳамдигар бошем. Маҳз ҳамин ҳамраъйӣ, меҳру муҳаббат роҳ ба сӯи ҳақиқат мекушояд, ба дарки асли зиидагӣ раҳнамун месозад. Ҷавҳари зиндагӣ муҳаббат аст, ки ҳақиқати зиндагӣ дар он зоҳир мегардад.

Ин ақидаи нависанда гувоҳӣ медиҳад, ки маънавияти ӯ, некдиливу некбинии ӯ ба сатҳи баланд расидааст. Дили ҳассос муайянкунандаи неку бади

инсон аст. Фақат дили ҳассос метавонад дурӯғро аз фурӯғ, самимиятро аз меҳри рӯякӣ фарқ созад.

Бесабаб нест, ки афсонаи Сент-Экзупери ҳузновар ба охир мерасад. Шаҳзодаи хурдакак ғусса мехӯрад, ки аз муҳаббату рафоқат ҷудо гаштааст, вале афсӯс, баргаштан ба дунёи кӯдакӣ дигар номумкин аст. Кӯдакиро ба якумр падруд мегӯянд.

Вале роҳи оянда ҳам баста аст. Фақат соҳиб шудан ба маънавияту ахлоқи баланд умеде ба миён намеорад, ки бар бераҳмиву зулм, бар зиштиву бадӣ ғалаба намоем, онҳоро бартараф созем.

Барои Шаҳзодаи хурдакак роҳе нест бидуни марг.

Экзупери мекӯшад аз болои ҳамаи муносибатҳои инсонӣ чодари бегонагиву ҷудоӣ, дилхунукиро бардорад. Ӯ аз он чизҳое сухан меронад, ки офариниши зиндагӣ аз онҳост ва ба ин сабаб ҳеҷ воқеияте бидуни онҳо арзи вуҷуд нахоҳад кард.

Экзупери аз чизҳое сухан меронад, ки асоси эҷоди инсонанд ва аз ин сабаб дар худ нақши рӯҳи ӯро доранд.

Ӯ дар бораи чизҳое асар навиштааст, ки дар кору бори инсон иштирок доранду аз ин сабаб нисбати онҳо бепарвову беҳис будани инсон номумкин аст.

Сент-Экзупери чун нависанда дар назди худ ҳамеша як мақсад мегузошт: мехост дар худ инсонеро кашф намояд, ки муҳтоҷи муҳаббат асту худ низ қодир аст меҳре ба диле бубахшад ва самимӣ дӯст бидорад.

"Шаҳзодаи хурдакак" ифодаи худшиносии шоиронаи инсон аст.

**Барои Леон Верт**

*Барои ин ки ин китобчаро ба як одами калонсол бахшидаам, аз бачаҳо маъзарат мехоҳам.*

*Чунин узр пеш меоварам: ин одами калонсол беҳтарин дӯсти ман аст. Ғайр аз ин ӯ дар дунё ҳама чизро мефаҳмад, ҳатто китобчаҳои бачагонаро. Ва ниҳоят, ӯ дар Фаронса зиндагӣ мекунад. Он ҷо ҳоло сардиву гуруснагӣ ҳукмрон аст. Ва ӯ муҳтоҷи дилбардорист. Агар ҳамаи ин узр қабул нашавад, китобчаро ба он писарбача мебахшам, ки дӯсти калонсоли ман дар овони кӯдакӣ буд. Охир калонсолон ҳам аввал кӯдак буданд, вале на ҳамаашон инро дар ёд доранд. Инак, ман ғалати худро ислоҳ мекунам:*

*Ба Леон Верт, вақте ки хурд буд.*



# I

Шашсола будам. Боре дар китобе, ки "Воқеаҳои ҳақиқӣ" ном дошту аз хусуси ҷангалҳои худрӯй ҳикоят мекард, расми аҷиберо дидам: аждаҳо ҳайвони ваҳшиеро фурӯ мебурд. Вай ана ин хел тасвир шуда буд:

Дар китоб чунин омада буд: "Аждаҳо қурбонии худро нахоида фурӯ мебарад. Баъд дигар ҷунбида наметавонад ва ҳамин тавр ним сол, то ҳазми хӯрок хоб меравад".

Аз хусуси ҳаёти ҷангалзор, ки пур аз ҳодисаҳост, ман бисёр фикр мекардам ва бо қалами ранга худам низ

нахустин расмамро кашидам. Ин расми рақами 1-и ман буд. Ана чӣ кашидам:



Эҷоди худро ба калонсолон нишон дода пурсидам, ки аз ин расм наметарсанд?

– Магар кулоҳ даҳшатнок аст? - эътироз карданд ба ман.

Вай кулоҳ не, балки аждаҳое буд, ки филро фурӯ бурдааст. Пас, барои ин ки ба калонсолон фаҳмотар шавад, дохили аждаҳоро кашидам. Охир, ба онҳо ҳамеша ҳама чизро фаҳмондан лозим аст. Ана расми рақами 2-и ман.



Калонсолон маслиҳат доданд, ки морҳоро аз даруну аз берун тасвир накарда, бештар бо ҷуғрофия, таърих, ҳисоб, ҳусни хат машғул шавам. Аз ин ҷост, ки ман дар шашсолагӣ аз шуҳрати бузурги рассомӣ даст кашидам. Бо расмҳои рақами 1 ва рақами 2 ба нобарорӣ дучор омада, дигар ба худ боварам намонд. Калонсолон худашон ҳеҷ гоҳ чизеро намефаҳманд. Ба онҳо ҳар чизро пайваста шарҳу эзоҳ додан лозим аст. Ин кор бачаҳоро басо дилгир месозад.

Ҳамин тавр, лозим омад, ки касби дигарро ихтиёр кунам. Ман ҳавонавард шудам. Қариб саросари ҷаҳонро парвоз кардам. Ба ростӣ, ҷуғрофия бисёр кор омад. Бо як нигоҳ метавонистам Хитойро аз Аризона фарқ кунам. Баногоҳ шабона раҳгум занӣ, ин фан ёрӣ мерасонад.

Дар ҳаёт бо одамони гуногуни ҷиддӣ вохӯрдам. Дар байни калонсолон хеле зистам. Онҳоро аз наздик шинохтам. Аз ҳамин сабаб, росташро гӯям, андешаи ман дар бораи онҳо беҳтар нашуд.

Агар ягон калонсолеро вомехӯрдам, ки ба назарам аз дигарҳо боақлу бофаросат менамуд, расми рақами 1-ро нишон медодам - ман онро эҳтиёт карда будам ва ҳамеша бо худ нигоҳ медоштам. Мехостам донам, ки дар ҳақиқат ягон чизро мефаҳманд ё не? Вале онҳо ҳама ба ман посух медоданд: "Ин кулоҳ аст". Ва ман бо эшон дигар дар бораи аждаҳо, дар бораи ҷангалҳо, дар бораи ситораҳо гап намезадам. Бо онҳо ҳамақида мешудам. Дар бораи бозии брич ва голф, дар бораи сиёсату галстук суҳбат меоростам. Ва калонсолон беҳад шод буданд, ки бо чунин шахси солимфикр шинос шудаанд.

## II

Ҳамин тавр, ман танҳо мезистам ва касе набуд, ки бо вай аз таҳти дил гуфтугӯ кунам. Шаш сол пеш маҷбур шудам ҳавопаймои худро дар Саҳрои Кабир фуруд оварам. Кадом қисми мотори он шикаста буд. Ҳамроҳам на механик доштам, на мусофир. Бинобар он, ҳарчанд кори душвор буд, қарор додам худ онро таъмир кунам. Бояд ё моторро соз мекардам, ё ҳалок мешудам. Обе, ки гирифта будам, базӯр ба як ҳафта мерасид.

Ҳамин тавр, шоми аввал дар биёбон, рӯи рег хобам бурдааст. Дар атроф, дар ҳазорҳо чақрим масофа манзилгоҳе набуд. Одаме, ки киштияш шикаставу миёни уқёнус рӯи амад танҳо монда бошад, чунин ҳол надоштагист. Ҳайрати маро тасаввур кунед, чун субҳидам овози маҳине бедорам намуд. Гуфт:

– Илтимос... сурати баррачаро каш!

– Чӣ?

– Сурати баррачаро каш!...

Гӯё болои сарам раъд гулдуррос зада бошад, аз ҷо барҷаҳидам. Чашмонамро молида, ба гирду атроф нигаристам. Дидам, ки як кӯдаки ғайриоддӣ истодааасту бо ҷиддияти том маро назора мекунад. Ин аст акси беҳтарини ӯ, ки баъд муяссар шуд бикашам. Вале дар расми ман, вай чунон ки дар асл буд, тасвир нашудааст. Ин гуноҳи ман нест. Дар шашсолагиам калонсолон талқин карда буданд, ки рассом нахоҳам шуд. Ман ғайр аз кашидани ботину зоҳири аждаҳо тасвири чизи дигарро ёд нагирифтам.

Ҳамин тавр, чашмонамро калон кушода ба он бача, ба он падидаи ғайриоддӣ менигаристам. Фаромӯш накунед, ман дар ҷое будам, ки ҳазорҳо чақрим аз манзилгоҳи одамон дур аст. Гуфтан душвор буд, ки ин кӯдак раҳгум задааст ё аз тарс заҳракаф шудааст, ё аз гушнагиву ташнагӣ ба ҳалокат расидааст. Чеҳраашро дида касе намегуфт, ки ин бача дар биёбони беодам гум шудааст. Билохир ман мадори сухангӯӣ пайдо кардаму пурсидам:



– Ту... ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Вале ӯ боз бо овози пасту хеле ҷиддӣ хоҳиш кард:

– Илтимос... сурати баррачаро каш!...

Охир ин бачаву сухани ӯ ба ақл намеғунҷад. Бинобар ҷуръат накардам гапашро рад намоям. Ҳарчанд ин кор дар биёбон, ки моро аз марг як сари мӯй ҷудо мекард, бисёр бемаънӣ менамуд, ба ҳар ҳол, аз кисаам коғазу қалам баровардам. Вале нохост ба ёдам омад, ки ман бештар ҷуғрофия, таърих, ҳисоб, ҳусни хатро омӯхтаам. Аз ин рӯ, ба кӯдак каме бо қаҳр гуфтам, ки ман раем кашида наметавонам. Вай ҷавоб дод:

– Фарқ надорад. Баррачаро каш.

Ман, ки дар умрам расми баррачаро накашида будам, яке аз ду расми куҳна - дохили аждаҳоро такроран кашидам. Ва аз фарёди кӯдак ба ҳайрат афтодам:

– Не, не! Ба ман фили даруни аждаҳо лозим нест! Аждаҳо бисёр хатарноку фил аз ҳад калон! Дар хонаи ман ҳама чиз хурд аст. Ба ман барача даркор. Баррачаро каш!



Ва ман расми баррачаро кашидам.

Вай ба расм бодиққат нигаристу гуфт:

– Не, ин барача тамоман нимҷон аст. Дигарашро каш.



Ман бори дигар расми баррачаро кашидам. Дӯсти нави ман бо илтифот, нарм табассум кард.

– Ту худат мебинӣ-ку, - гуфт ӯ, - ин баррача нест. Ин гӯсфанди калон аст. Шох дорад...



Боз ба тарзи дигар расмро кашидам.

Вале вай ин расмро ҳам қабул накард:



– Ин тамоман пир. Ба ман баррача лозим, ки дер зиндагӣ кунад.

Дигар тоқатам намонд - охир бояд тезтар моторро ба қисмҳо ҷудо кунам.

Ва инро сарсарӣ кашидам: - Ба кӯдак гуфтам:

– Ана қуттӣ. Дарунаш баррачаат шиштааст.

Вале ҳаками сахтгир ҳайрати маро афзуд:

– Ба ман ана ҳамин хелаш лозим! Ба фикри ту алафи бисёр мехӯрад?

– Чӣ буд?

– Охир, дар хонаи ман аз ҳама чиз кам-камак ҳаст:

– Вайро басанда аст. Ман ба ту баррачаи аз ҳад хурдакакро медиҳам-ку?

– Вай он қадар ҳам хурд нест, - бо сари хам расмро тамошокунон гуфт вай. - Бубин! Хобаш бурд...

Бо Шаҳзодаи хурдакак ана ҳамин тавр шинос шудам.

## III

Аз кучо пайдо шудани вайро дархол нафахмидам. Шахзодаи хурдакак маро саволборон мекард, вале вакте ки ман аз ӯ ягон чизро мепурсидам, гӯё тамоман намешунид. Факат баъд кам-кам аз калимахое, китасодуфан дар зимни сухбат гуфта шуданд, хамааш бароям аён шуд. Ҳамин тавр, вай аввалин бор ҳавопаймои маро диду (расми ҳавопайморо намекашам, охир аз уҳдааш намебароям) пурсид:

– Ин чӣ чизест?

– Ин чиз нест. Ҳавопаймо аст. Ҳавопаймои ман. Мепарад.

Ман бо фахр ба ӯ фаҳмондам; ки парвоз карда метавонам. Пас ӯ нидо кард:

– Чӣ хел? Ту аз осмон афтидӣ?

– Ҳа, - хоксорона чавоб додам ман.

– Ачаб!...

Шаҳзодаи хурдакак бо овози чарангосӣ чунон хандид! Хандаи ӯ алами маро овард: тоқат надорам, ки одамон ба бадбахтии ман биханданд! Баъд илова намуд:

– Яъне ту ҳам аз осмон пайдо шудӣ. Аз кадом сайёра?



– "Ин аст калиди муаммои пайдоиши асрорангези ӯ дар ин биёбон"- андешидам ман ва ошкор пурсидам:

– Яъне, ту ба ин ҷо аз дигар сайёра омадай? Вале вай ҷавоб надод. Ҳавопаймои маро аз назар гузаронида оҳиста сарашро ҷунбонд:

– Бо ин ту аз дур парида омада наметавонистӣ... Ва дуру дароз ба андеша рафт.

Баъд баррачаро аз кисааш бароварда ба мушоҳидаи ин ганҷина банд шуд.

Тасаввур мекунед, ки аз ин сухани нимғурмаи ӯ, ки "сайёраҳои дигар"-ро ба ёд овард, шавқи ман чӣ қадар афзуд. Кӯшидам бештар бифаҳмам:

– Эй майдаяк, бигӯ, ки аз куҷо парида омадай? Хонаат куҷост? Баррачаи маро куҷо бурданӣ ҳастӣ?

Ӯ ғарқи хаёл андаке хомӯш истоду пас гуфт:

– Бисёр хуб шуд, ки ба ман қуттӣ додӣ, барбача он ҷо шабҳо хоб мекунад.

– Албатта. Агар ту боақлак шавӣ, бароят ресмон ҳам медиҳам, ки рӯзона вайро бубандӣ, мехи чӯбин ҳам медиҳам.

Шаҳзодаи хурдакак абрӯ чин кард:

– Бандам? Барои чӣ?

– Охир, ту вайро набандӣ, ягон ҷо мераваду гум мешавад.

Ҳамин дам дӯсти ман боз хушҳолона хандид:

– О, вай ба куҷо меравад?

– Ҷои мерафтагӣ кам аст? Рост меравад, меравад, то ҷое, ки чашмаш расад, меравад.

Он вақт Шаҳзодаи хурдакак бо ҷиддият гуфт:

– Боке нест, охир ман он ҷо камакак ҷой дорам. Ва бо оҳанги ҳузнангез илова кард:

– Агар ҳамеша рост рафтан гирӣ, дур нахоҳӣ рафт...



## IV

Ҳамин тавр, ман боз як кашфи муҳиме кардам: сайёраи зодгоҳи ӯ сар то сар ба як хона баробар аст!



Вале ин маро он қадар ҳайрон накард. Медонистам, ки ғайри сайёраҳое монанди Замин, Муштарӣ, Миррих, Зуҳра боз садҳо сайёраҳои хурд низ вомехӯранд, ки бо дурбин ҳам онҳоро дидан амри муҳол аст. Агар ситорашинос чунин сайёрачаро кашф намояд, ба вай ном не, рақам мегузорад. Масалан, Нуҷаймаи 3251.

Ман бо далели асоснок гумон мекунам, ки Шаҳзодаи хурдакак аз сайёрачае парида омадааст, ки нуҷаймаи "Б-612" ном дорад. Ин нуҷаймаро ҳамагӣ як маротиба, соли 1909, як ситорашиноси турк бо дурбин мушоҳида карда буд.

Он ситорашинос дар бораи ин кашфи аҷоибаш ба Кунгураи байналхалқии ситорашиносон маълумот дод. Вале ҳеҷ кас ба вай бовар накард, зеро ки ӯ либоси туркӣ пӯшида буд. Чунон одамони аҷибанд ин калонсолон!

Хушбахтона, султони турк барои ҳимояи номи нуҷаймаи Б-612 ба фуқарои худ фармуд, ки либоси аврупоӣ бипӯшанд.

Касе напӯшад, қатл шуданаш мумкин буд. Соли 1920 он ситорашинос боз дар бораи ҳамон кашфи худ

маълумот дод. Ин дафъа бо мӯди навтарин либос пӯшида буд, аз ин рӯ ҳама ба вай бовар карданд.

Ман ин ҷо ба шумо дар бораи нуҷаймаи Б-612 батафсил гап задам ва ҳатто рақами онро гуфтам. Ин фақат барои калонсолон аст. Калонсолон рақамҳоро беҳад дӯст медоранд. Агар ба онҳо гӯӣ, ки дӯсти нав пайдо кардаӣ, ҳеҷ гоҳ чизи асосиро намепурсанд. Ҳеҷ гоҳ намегӯянд: "Овозаш чӣ хел аст? Кадом бозиҳоро нағз мебинад? Шаҳпарак медорад?" Не, онҳо мепурсанд: "Вай чандсола аст? Чанд бародар дорад? Вазнаш чӣ қадар? Даромади падараш чӣ хел?". Баъди ин ба хулоса меоянд, ки он одамро шинохтаанд.

Агар ба калонсолон бигӯӣ: "ман хонае дидам, ки аз хишти гулгун сохтаанд, дар тирезаҳояш гули шамъдонӣ гузоштаанд, дар бомаш кабӯтарҳо ошён доранд, ҳеҷ он хонаро тасаввур карда наметавонанд.

Ба онҳо гуфтан лозим аст: "Ман хонаеро дидам, ки 100 ҳазор франк қимат дорад". Он вақт нидо мекунанд: "Чӣ хел хонаи зебо!".

Ва айнан ҳамин хел агар ба онҳо гӯӣ: "Ин аст исботи он ки Шаҳзодаи хурдакак дар ҳақиқат вуҷуд дошт - вай бисёр бачаяки хуб буд, механдид, мехост, ки баррачае дошта бошад. Ва касе ки бarрача доштан мехоҳад, албатта вуҷуд дорад", - агар ҳамин хел гӯӣ, фақат китф дарҳам мекашанду ба ту чунон нигоҳ мекунанд, ки гӯё кӯдаки беақл бошӣ. Вале бигӯӣ: "Вай аз сайёраи парида омадааст, ки Б-612 ном дорад, бовар мекунанд ва бо пурсиши зиёд дилбазан намешаванд. Чунинанд ин калонсолҳо. Аз онҳо ҷои гила нест.

Бачаҳо бояд дар ҳаққи калонсолон илтифот дошта бошанд.

Вале мо, ки чӣ будани зиндагиро медонем, албатта ба рақамҳову ададҳо механдем. Ба майли том мехостам ин қиссаро чун афсонаи сеҳрнок сар кунам. Ана ин хел:

“ Буд, набуд Шаҳзодаи хурдакаке буд. Вай дар сайёрае зиндагӣ мекард, аз худаш каме калонтар ва ба ӯ хеле ва хеле як дӯст лозим буд... ” Он гоҳ касоне, ки чӣ будани зиндагиро медонанд, зуд мефаҳмиданд, ки ин ба ҳақиқат бештар монанд аст.

Зеро ҳеҷ намехоҳам, ки китоби маро фақат барои дилхушӣ хонанд. Ба ёд овардани он воқеа хеле дарднок ва онро нақл кардан бисёр душвор аст. Аз рӯзе, ки дӯстам маро партофта бо баррачааш рафт, шаш сол гузашт. Ман барои фаромӯш нашудани ӯ мекӯшам, ки аз ӯ ҳикоят кунам. Фаромӯш кардани дӯстон бисёр ғамангез аст. Дӯсти хуб насиби ҳар кас нест. Метарсам, ки ба калонсолон монанд шавам, ба калонсолоне, ки ғайр аз рақамҳо чизе барояшон аҷоиб нест. Барои ҳамин қуттии рангу қалами ранга харидам. Дар синну соли ман саргарми расмкашӣ шудан осон аст магар? Хусусан дар тамоми умрат чизеро ғайри даруну беруни аждаҳо накашида бошӣ ва онро ҳам дар шашсолагӣ кашида бошӣ! Албатта кӯшиш мекунам, ҳар чӣ бештар ба худаш монанд тасвир созам. Вале бо боварӣ гуфта наметавонам, ки аз уҳдааш мебароям. Як расм хуб мебарояд, дигараш заррае ба Шаҳзода монанд нест. Қадаш ҳам ҳамин хел аст: дар як расм Шаҳзода беҳад калон, дар дигараш беҳад хурд шудааст. Нағз ёдам нест,

ки либосаш чӣ ранге дошт. Ҳар тарзашро меозмоям - ин хел, он хел, аз таваккал, базӯр тасвир мекунам. Ниҳоят дар баъзе тафсилоти муҳим ҳам хато карданам мумкин аст. Вале шумо ин қадар сахт эрод нагиред. Дӯсти ман ҳеҷ гоҳ чизеро шарҳу эзоҳ намедод. Шояд фикр мекард, ки ман ҳам вай барин. Вале афсӯс, ки ман барраҷаро аз сӯрохии деворчаҳои қуттӣ дида наметавонам. Шояд каме ба калонсолҳо монандам. Пир шуда истодаам, чӣ бало!

## V

Дар бораи сайёраи ӯ ҳар рӯз чизи наве мефаҳмидам. Мегуфт ки чӣ хел аз он ҷо рафтааст, чӣ хел саёҳат кардааст. Вай инҳоро кам-кам, дар омади гап мегуфт. Ҳамин тавр, рӯзи сеюм аз фоҷиаи баобаб хабар ёфтам.

Сабабгори ин воқеа барраҷа буд. Шаҳзодаи хурдакакро якбора шубҳаи гароне пахш кард ва ӯ пурсид:

– Гӯй, охир рост аст, ки барраҳо буттаҳоро мехӯранд?

– Рост.

– Чӣ хел нағз!

Нафаҳмидам, ки бутта хӯрдани барраҳо чӣ аҳамияте дошта бошад? Вале Шаҳзодаи хурдакак илова кард:

– Яъне, онҳо баобабҳоро ҳам мехӯранд?

Ман гуфтам, ки баобабҳо бутта не, дарахтони азиманд, ки қадашон ба зангӯламанор баробар аст ва ӯ агар рамаи филҳоро биёрад ҳам, як дарахтро хӯрда наметавонанд.

Гуфтаи маро дар бораи филҳо шунида Шаҳзодаи хурдакак хандид:

– Онҳоро болои ҳам мондан лозим меомад...



Баъд бо мулоҳиза гуфт:

– Баобабҳо дар аввал, то калон шудан, тамоман хӯрданд.

– Дуруст. Вале чаро барраи ту бояд баобабҳои хурдро хӯрад?

– Чаро нахӯрад? - нидо кард ӯ, гӯё ки сухан аз чизҳои оддиву маълум мерафта бошад.

Барои фаҳмидани асли воқеа хеле майна об кардан лозим омад.

Дар сайёраи Шаҳзодаи хурдакак, мисли сайёраҳои дигар, растаниҳои фоиданоку зарарнок мерӯянд. Яъне, он ҷо ҳам тухмҳои хуби растаниҳои фоиданок ва тухмҳои зарарноки растаниҳои роғӣ ҳастанд. Вале тухмҳо нонамоёнанд. То даме ки яке аз онҳо фикри бедорӣ кунад, ҳама дар зери хок баҳузур хоб мераванд. Оне ки бедор шудааст, реша ронда месабзаду сӯи офтоб қад мекашад. Дар аввал ҳамчунон хушрӯяку беозор аст! Агар вай шалғамча ё буттаи садбарги оянда бошад, ҳалолаш бод, бигзор сабзад! Вале фаҳмидӣ, ки растании зарарнок аст, тез решакан кун! Ҳамин тавр, дар сайёраи Шаҳзодаи хурдакак тухмҳои баду зарарнок ҳастанд... Инҳо тухми баобабҳо. Хоки сайёра аз онҳо пурра

захролуд шудааст. Агар баобабро сари вақт нашиносӣ, дигар аз вай халосӣ нест - тамоми сайёраро фаро мегирад. Магз-магзи он реша меронад. Ва агар сайёра хурду баобабҳо бисёр бошанд, сайёраро лах-лах мекунанд.



– Чунин қоидаи қатъӣ ҳаст, - гуфт баъд Шаҳзодаи хурдакак. Пагоҳӣ, ки аз хоб хеста дасту рӯй шуставу худро ба тартиб овардӣ, дарров сайёраи худро низ ба тартиб биёр. Чун баобабро аз буттаи садбарг фарқ кардӣ (чунки дар аввал шохаи ҳарду як хел аст), ҳатман онро ҳар рӯз хишова бикун. Ин кор бисёр дилгир бошад ҳам, душвор нест.



Боре ӯ маслиҳат дод, расме бикашам, ки бачаҳои моро ҳам хуб фаҳмо бошад.

– Ягон вақт ба саёҳат бароянд, лозим мешавад, - гуфт ӯ. Дигар корро сонитар кардан мумкин аст, зарар надорад.

Вале баобабҳоро ба ҳоли худ мондӣ, фалокат сар заданаш мумкин аст. Ман сайёраеро медонистам. Дар он танбале мезист... Вай се буттачаро сари вақт канда напартофт...

Шаҳзодаи хурдакак ҳамаашро муфассал нақл кард, пас ман расми он сайёраро кашидам. Ба мардум насиҳат карданро хуш надорам. Вале на ҳама медонанд, ки баобабҳо хатарноканд. Ин хатар барои ҳар касе, ки ба нуҷайма меафтад, бадбахтии бузургест. Барои ҳамин ман ин дафъа аз худдории одатии худ даст мекашам.

"Бачаҳо! - мегӯям ман, - Аз баобабҳо эҳтиёт шавед!" Ман мехоҳам дӯстонамро аз хатаре, ки ба онҳо таҳдид мекунаду аз он бехабаранд, огоҳонам. Ана сабаб ҳамин аст, ки меҳнати зиёд сарф карда ин расмро кашидам. Ба меҳнатам ҳайфам намеояд.

Шояд шумо бипурсед: чаро дар китоб дигар расми калону таъсирбахше ба монанди ин баобабҳо нест? Ҷавобаш бисёр оддӣ: ман кӯшидам, вале бефоида, дигар чиз кашида натавонистам. Вале ҳис кардам, ки баобаб кашидан аз ҳад муҳим аст. Ва ин маро илҳом мебахшид.

## VI

Оҳ, Шаҳзодаи хурдакак! Кам-кам фаҳмидам, ки ҳаёти ту чӣ хел якрангу пурғусса будааст. Муддати зиёде ту фақат як дилхушӣ доштӣ: ғуруби офтобро бо ҳавас тамошо мекардӣ. Ман инро субҳи рӯзи чорум фаҳмида будам, ки гуфтӣ:

– Ман ғуруби офтобро беҳад дӯст медорам. Биё, рафта бинем, ки офтоб чӣ хел мешинад.

– Каме сабр кун. Бояд интизор шуд.

– Чиро?

– Ғуруби офтобро.

Ту аввал басо ҳайрон шудӣ, баъд ба худ хандидаву гуфтӣ:

– Ба ман ҳамеша чунин менамояд, ки дар хонаи худ ҳастам.

Дар ҳақиқат, ҳама медонанд, ки дар Амрико нисфи рӯз бошад, дар Фаронса аллакай офтоб ғуруб мекунад, ғурубро тамошо кардан мумкин буд. Бадбахтона, Фаронса дури дур аст. Дар сайёраяки ту кифоя буд, ки курсиатро чанд қадам он тарафтар мониву борҳо ғурубро тамошо кунӣ. Фақат хоҳиш дошта бошӣ бас буд...

– Боре ман дар як рӯз чилу се маротиба ғурубро тамошо кардам!

Баъди лаҳзае илова кардӣ:

– Медонӣ... даме ки ниҳоят ғамгинӣ, тамошои нишасти офтоб аҷаб хуш аст...

– Яъне, рӯзе, ки ту чилу се маротиба ғурубро тамошо кардӣ, беҳад маҳзун будӣ?

Шаҳзодаи хурдакак ҷавоб надод.



## VII

Рӯзи панҷум боз барра сабаб шуду сирри Шаҳзодаи хурдакакро фаҳмидам. Вай нохост, бе муқаддима, гӯё ки баъди андешаҳои дуру дароз ба ҳамин хулоса омада бошад, пурсид:

– Агар барра буттаҳоро хӯрад, гулҳояшро ҳам мехӯрад?

– Вай ҳар чизро мехӯрад.

– Ҳатто гулҳоеро, ки хор доранд?

– Ҳа.

– Пас, хор чӣ даркор?

Инро ман намедонистам. Аз ҳад банд будам: як мурвати дармондаи моторро бо кӯшише кушода гирифтанӣ мешудам. Худро бад ҳис мекардам, вазъият душвор мегардид, об қариб намонд ва ман аз оқибати маҷбуран нишастанам, ки мумкин буд бо фоҷиа тамом шавад, дар ҳарос афтодам.

– Хорҳо чӣ лозим?

Шаҳзодаи хурдакак то ҷавоби саволашро нагирад, ором намешуд. Мурвати "якрав" маро азоб медод ва ман фикр накарда гуфтам:

– Хорҳо ҳеҷ лозим нестанд, гулҳо онҳоро аз рӯи ҷаҳлу кина мебароранд.

– Наход!

Хомӯшӣ ба амал омад. Баъд ӯ як қадар бадқаҳрона гуфт:

– Бовар намекунам! Гулҳо заифанд, софдиланд. Худро ҷасур нишон доданӣ мешаванд. Хаёлашон, ки агар хор дошта бошанд, аз онҳо ҳама метарсанд...

Ман ҷавоб надодам. Он лаҳза ба худ мегуфтам: агар мурват ҳозир набарояд, бо болғача чунон мезанам, ки майда-майда шуда ба чор тараф пош мехӯрад. Шаҳзодаи хурдакак боз фикри маро бурид:

– Ба хаёли ту гулҳо...О, не, охир! Ман ҳеҷ хаёл накардаам! Фикреро, ки якбора ба сарам омада буд, гуфтам. Ту мебинӣ, ки ба кори ҷиддӣ машғулам.

Ӯ бо ҳайрат ба ман нигарист.

– Ба кори ҷиддӣ?

Вай ҳоло ҳам ба ман менигарист, медид, ки ҳама ҷоям равғанолуд, болғача дар дастам ва сари як чизи номаълуму бадафт ҷунбуҷӯл мекунам.

– Ту калонсолон барин гап мезанӣ, - гуфт ӯ.

Ман шарм доштам. Вай бошад, бераҳмона илова кард:

– Ту ҳамаро чапаву роста кардӣ... - ҳеҷ чизро намефаҳмӣ!

Ҳа, вай сахт дарғазаб шуд. Сарашро ба яктараф каме хам кард ва шамол мӯйҳои тиллорангашро парешон сохт.

– Ман сайёраеро медонам. Он ҷо як ҷаноби сурхрӯ зиндагӣ мекунад. Вай дар ҳаёташ боре гуле набӯидааст. Касеро дӯст надоштааст. Боре ситораеро тамошо накардааст. Аз паи кори фоиданоке нашудааст. Вай фақат бо як кор - ба ҷамъи рақамҳо банд аст. Аз пагоҳ то бегоҳ гаштаву баргашта такрор мекунад: "Ман одами ҷиддӣ! Ман одами ҷиддӣ!" -худи ту барин. Аз фахру ғурур дам кардааст. Аммо дар асл вай одам не, занбӯруғ аст,

– Чӣ?

– Занбӯруг.

Шаҳзодаи хурдакак чунон ба ғазаб омад, ки ҳатто ранги рӯяш канд.

– Милёнҳо сол боз гулҳо хор доранд. Милёнҳо сол боз барраҳо гулҳоро мехӯранд. Магар зарур нест бифаҳмем, ки чаро гулҳо аз хор фоидае набинанд ҳам, мекӯшанд, ки хор парваранд? Хусумати гулу барраҳо оё аҳамияте надорад? Ин аз арифметикаи ҷаноби фарбеҳи сурхрӯ ҷиддитару муҳимтар нест? Ва агар ман дар ҷаҳон ягона гулеро донам, ки танҳо дар сайёраи ман мерӯяд ва дигар ин хел гул дар ҳеҷ ҷо нест, барраи хурдак ногаҳон як саҳари дилафрӯз онро хӯрад ва ҳатто надонад, ки чӣ кори баде кард, ин ба фикри ту аҳамият надорад?

Вай суп-сурх шуд. Пас боз ба гап даромад:

– Ҳамин бас аст, ки гулеро дӯст дорӣ, гулеро ки ягона асту дар дигар ситораҳо намерӯяд. Ба осмон менигариву худро хушбахт ҳис мекунӣ. Ва ба худ мегӯӣ: "Он ҷо, куҷое гули ман мерӯяд..."

Вале агар барра онро хӯрад, баробари он аст, ки ҳамаи ситораҳо якбора хомӯш шаванд! Оё ин ба фикри ту муҳим нест?

Вай дигар гап зада наметавонист, якбора гиряро сар дод. Ҳаво торик шуд. Ман корро партофтам. Мурвати дилбазан, ташнагиву маргро ҳам фаромӯш кардам. Дар сайёра, сайёраи ман, ки Замин ном дорад, Шаҳзодаи хурдакак гиря мекард ва ӯро тасалло додан лозим буд. Ман ӯро рӯи даст бардошта алла гуфтам. Ӯро дилбардорӣ кардам: "Ба гуле, ки ту дӯсташ медорӣ,

хатаре таҳдид намекунад... Ман барои барраи ту расми даҳонбанд, барои гулакат расми зиреҳ мекашам... Ман..." Ман намедонистам ба ӯ боз чӣ гӯям. Дар ҳолати ногувор будам. Чӣ кор кунам, ки гапи маро шунавад, чӣ хел ба дили ӯ роҳ ёбам? Чунон сеҳромезу ноошност кишвари ашкҳо...

## VIII

Баъди андаке ин гулро хубтар донистам. Дар сайёраи Шаҳзодаи хурдакак ҳамеша гулҳои оддиву назарногир меруидаанд, ки гулбаргҳояшон кам буда, ҷои хурдро ишғол мекунанд ва ба ҳеҷ кас халал намерасонанд. Ҳар саҳар дар байни алафҳо шукуфта бегоҳӣ пажмурда мешудаанд.

Тухми ин гулро аз куҷое шамол оварда будааст. Шаҳзодаи хурдакак аз сабзаи нешзада, ки ба дигар сабзаҳо монандӣ надошт, чашм намеканд: Мабодо ягон навъи баобаб бошад? Вале буттача тез аз рустан боз монду ғунчае пайдо кард. Шаҳзодаи хурдакак ҳеҷ гоҳ ин хел ғунчаи калонро надида буд ва дилаш гувоҳӣ медод, ки мӯъҷиза аст. Меҳмони ношинос, ки ҳоло дар хоначаи сабзи худ



пинҳон буд, ба шукуфтан тайёрӣ дида, худро орову торо медод. Вай бо эҳтиёти зиёд рангҳоро интихоб мекард. Саросема нашуда худро зинат медод, гулбаргҳояшро як-як пӯшида медид. Намехост ба дунё парешон биёяд. Лолахасак набошад? Мехост бо тамоми ҳусну малоҳаташ пайдо шавад. О, вай бениҳоят танноз буд! Омодагиҳои сеҳромез ҳар рӯз давом меёфтанд. Ва як субҳидам, ҳамин ки офтоб рухашро нишон дод, гул шукуфт.

Он нозанин, ки барои ин лаҳзаи дилхоҳ чӣ қадар меҳнат карда буд, хамёзакашон гуфт:

– Оҳ, ман базӯр бедор шудам... Хоҳишмандам, бубахшед... Ман ҳоло тамоман парешонам...Шаҳзодаи хурдакак завқу хурсандии худро пинҳон дошта наметавонист.

– Шумо чӣ хел зебоед!

– Оҳ, рост? - шунида шуд овози маҳин. Шумо пай бурдед, ки ман ҳамроҳи офтоб тавлид шудам?



Шаҳзодаи хурдакак албатта пай бурд, ки меҳмони аҷоибро ҳисси зиёди хоксорӣ азоб намедиҳад. Бале, вай чунон зебо буд, ки! Ҳуснаш бо сухан тасвир намешуд! Вай баъди муддате илова кард:

– Вақти ношто расидааст, хоҳиш мекунам, меҳрубону ғамхори ман бошед. Шаҳзодаи хурдакак хиҷолат кашид, обпошакро ёфта гулро аз оби чашма об дод.



Баъд маълум шуд, ки нозанин мағруру зудранҷ будааст. Шаҳзодаи хурдакак бо ӯ бисёр азоб кашид. Гул чор хор дошт ва боре ба Шаҳзода гуфт:

– Бигузор бабрҳо биёянд, ман аз чанголашон наметарсам!

– Дар сайёраи ман бабрҳо нестанд, - эътироз кард Шаҳзодаи хурдакак. - Баъд, бабрҳо алаф намехӯранд.

– Ман алаф не, - бо овози паст гуфт гул.

– Бубахшед...Не, аз бабр наметарсам. Тарси ман аз шамол хӯрдан аст. Парда надоред?

“Рустанӣ асту аз шамол метарсад, бисёр аҷиб, - фикр кард Шаҳзодаи хурдакак. - Чӣ феъли бад дорад ин гул”.



– Чун шаб фаро расад, маро бо кулоҳаке пӯшонед. Ҷои шумо бисёр хунук аст. Сайёраи беҳад номувофиқ. Он ҷо - аз ҷое, ки ман омадам...

Вай гапашро тамом накард. Охир ӯ ин ҷо ҳанӯз вақти тухм буданаш омада буд. Дар бораи дунёи дигар тасаввуре надошт. Вақте ки ба

осонӣ фош мешавӣ, дурӯғ гуфтан нодонист. Нозанин дар хиҷолат монд, баъд як-ду бор сурфид, то Шаҳзодаи хурдакак дар назди вай гунаҳкор буданашро ҳис кунад.

– Парда канӣ?

– Мехостам онро биёрам, лекин ҳавас доштам, ки суханатонро то охир шунавам.

Пас ӯ сахттар сурфид. Бигузор, ҳар чӣ бошад ҳам, виҷдонаш азоб кашад!

Шаҳзодаи хурдакак гулаки нозанинро дӯст дошта, аз хизмат кардан ба ӯ хурсанд бошад ҳам, дере нагузашта дар дилаш шубҳа пайдо шуд. Гапҳои бемаънӣ тез ба дилаш мерасиданд ва худро бисёр бадбахт ҳис мекард.

– Беҳуда гапи вайро гӯш мекардам, - гуфт ӯ боре, ба ман арзи дил карда. - Гапи гулҳоро ҳеҷ гӯш кардан лозим нест. Кифоя аст, ки ба онҳо нигоҳ бикунем ва бӯи хушашонро бишамем. Гули ман бо накҳати худ тамоми сайёраамро хушбӯй кард, аммо ман аз вай хурсанд набудам. Гапҳои бемаънӣ дар бораи ҷангалзорҳову бабрҳо... Онҳо бояд маро ба ҳаяҷон меоварданд, аммо баръакс ҷаҳлам омад.

Баъд ӯ боз иқрор шуд:

– Ман он вақт ҳеҷ чизро намефаҳмидам! Аз рӯи гап не, аз рӯи кор баҳо додан даркор будааст. Вай ба ман накҳати худро мебахшид, зиндагии маро мунаввар мекард. Ман набояд мегурехтам. Паси ин ҳилаву найрангҳои ночиз бояд лутфу назокатро пай мебурдам. Гулҳо зуд-зуд тағйир меёбанд. Вале ман бисёр ҷавон будам ва дӯстдориро ҳоло намедонистам.

# IX

Чӣ хел ки фаҳмидам, вай қарор додааст бо парандаҳои муҳоҷир саёҳат кунад. Саҳари охирин вай сайёраи худро аз ҳар вақт дида хубтару озодатар ба сомон овард.

Вулқонҳои амалкунандаро аз таҳти дил, хушрӯ тоза кард. Ӯ ду вулқони амалкунанда дошт. Саҳарҳо дар онҳо гарм кардани наҳорӣ басо қулай буд. Ғайри онҳо як вулқони хомӯш ҳам мавҷуд буд. Вале,- гуфт вай, - кӣ медонад ҳар чӣ шуданаш мумкин! Барои ҳамин вулқони хомӯшро ҳам тоза кард. Агар вулқонҳоро басомон ва аз таҳти дил тоза кунӣ, онҳо ором ва бамаром оташ мефишонанд, ба шӯр намеоянд. Оташ фишондани вулқон ба он мемонад, ки аз сӯхтани қурми мӯрӣ сӯхтор ба вуҷуд оyaд. Албатта мо, одамони Замин хеле хурдем ва вулқонҳоро тоза карда наметавонем. Барои ҳамин аз онҳо зарари бисёр мебинем.



Баъд Шаҳзодаи хурдакак ғамгинона охирин решаҳои баобабҳоро барканд. Фикр мекард, ки дигар барнамегардад.

Вале ин саҳар кори муқаррариаш ба вай як кайфияти ғайриоддӣ мебахшид. Вақте ки бори охир гули мӯъҷизаосоро об дода, бо кулоҳ пӯшонданӣ шуд, ҳатто гиряаш омад.



– Алвидоъ, - гуфт вай. Нозанин ҷавоб надод.

– Алвидоъ, - такрор кард Шаҳзодаи хурдакак. Вай сурфид. Вале на аз шамолхӯрӣ.

– Ман нодон будам, - гуфт ӯ баъди хомӯшии тӯлонӣ. -Маро бубахш. Кӯшиш намо, ки хушбахт шавӣ.

Гила ҳам накард. Шаҳзодаи хурдакак хеле ба ҳайрат афтод. Аз хиҷолат худро гум кард. Дар даст кулоҳи шишагӣ, маҳву мот, намедонист, чӣ кор кунад. Аз куҷост ин назокату нафосат?

– Ҳа, ҳа, ман туро дӯст медорам, - шунид ӯ. - Гуноҳи ман аст, ки инро нафаҳмидӣ. Хайр, ин муҳим нест. Вале ту ҳам ман барин нодонак будай. Кӯшиш кун, ки хушбахт шавӣ... Кулоҳро бигир. Дигар ба ман лозим нест.

– Охир, шамол...

– Ман он қадар шамолхӯрда нестам... таровати шаб бароям фонда дорад. Охир ман гулам...

– Вале ҳайвонҳо, ҳашарот...

– Бо шаҳпалакҳо шинос шуданӣ бошам, бояд ба ду - се кирмак тоб биёрам. Онҳо бояд хеле зебо бошанд. Вагарна, кӣ маро хабар мегирад? Ту дар дуродур хоҳӣ буд. Аз ҳайвонҳои калон ман наметарсам. Ман ҳам чангол дорам.

Вай бо содадилӣ чор хори худро нишон дод. Баъд илова кард:

– Чӣ кашол медиҳӣ? Оҳ, ин тоқатфарсост! Рафтан мехоҳӣ - бирав!

Гул намехост, ки Шаҳзодаи хурдакак гиряаашро бинад. Вай бисёр гули мағрур буд!..

## X

Нуҷаймаҳои 325, 326, 327, 328, 329 ва 330 ба сайёраи Шаҳзодаи хурдакак аз ҳама наздик буданд. Барои ҳамин ӯ хост аввал онҳоро тамошо кунад: ба худ андармонӣ бояд ёфт ва ягон чизро ёд гирифтан ҳам аз фоида холӣ нест.

Дар нуҷаймаи аввал султоне мезист. Вай хилъати қиматбаҳои сурх пӯшида аз болояш пӯсти қоқум партофта буд. Дар тахте, ки бо вуҷуди оддӣ буданаш шаҳомате дошт, менишаст.

– Ин аст зердасти ман! - Шаҳзодаи хурдакакро дидан замон хитоб кард султон.

"Вай чӣ хел маро шинохт? - аз фикр гузаронид Шаҳзодаи хурдакак. - Маро-ку бори аввал мебинад!".

Шаҳзода намедонист, ки султонҳо ба олам бисёр сатҳӣ нигоҳ мекунанд: барои онҳо ҳамаи одамон зердаст ҳастанду бас.

– Наздик биё, ман мехоҳам, туро аз назар гузаронам, - гуфт султон бо ғурур. Вай хурсанд буд, ки метавонад султони касе бошад.

Шаҳзодаи хурдакак ба гирду атрофаш нигоҳ кард, - дар ягон ҷо нишастан мумкин нест? Вале домани хилъат аз ҳад дароз буд ва тамоми сайёраро мепӯшонд. Рост истодан лозим меомад. Аммо вай чунон хаста шуда буд, ки... ва ногаҳон хамёза кашид.

– Дар назди султонон хамёза кашидан аз рӯи одоб нест, - гуфт султон...- Ман ба ту хамёза кашиданро манъ мекунам.

– Ман нохост, беихтиёр, - шарм дошта гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Ман роҳи дуру дарозеро паймудам, тамоман хоб нарафтаам...

Ин тавр бошад, ба ту иҷозат медиҳам, ки хамёза кашӣ, гуфт султон. - Солҳост, ки ман хамёзакашии касеро надидаам. Ин бароям ҳатто ғалатист! Инак, хамёза каш! Чунин аст фармони ман!

– Вале ман ҷуръат надорам... дигар наметавонам... - гуфт Шаҳзодаи хурдакак суп-сурх шуда.

– Ҳм, ҳм... Набошад... набошад, ман ба ту иҷозат медиҳам, ки гоҳ хамёза кашиву гоҳ...

Султон сари калобаашро гум кард ва шояд ҳатто каме дар ғазаб шуд.



Охир, барои султон муҳим он аст, ки ба ӯ бечуну чаро итоат кунанд. Тобу тоқат надошт, ки аз фармонаш

сар кашанд. Вай ҳокими мутлақ буд. Азбаски бисёр некӯкор буд, фақат фармонҳои оқилона медод.

"Агар ман сарлашкари худро амр кунам, ки ба моҳихӯрак мубаддал шавад ва ӯ фармонро ичро карда натавонад, ин айби вай нест, айби ман аст"- мегуфт ӯ.

– Нишастан мумкин аст? - бечуръатона пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Амр мекунам: шин! - чавоб дод султон бо салобат як тарафи домони хилъаташро чамъ намуда.

Вале Шаҳзодаи хурдакак ҳайрон буд. Ин сайёра чунин хурд аст, ки... Дар кучои он метавон ҳукмронӣ кард?

– Аълоҳазрат, - сар кард ӯ. - Мумкин аст, аз шумо пурсам?..

– Амр мекунам: бипурс! - саросема гуфт султон.

– Аълоҳазрат, дар кучо салтанат меронед?

– Дар ҳама чо!

– Дар ҳама чо?

Султон бо дасташ хоксорона сайёраи худ, инчунин сайёраҳои дигару ситораҳоро нишон дод.

– Ҳамаи инҳо аз они шумост?

– Оре, - чавоб дод султон.

Зеро ӯ ҳокими мутлақе буд, ки барояш ягон ҳадду ҳудуд вучуд надошт.

– Ситораҳо ҳам ба шумо итоат мекунанд? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Албатта, - чавоб дод султон. - Ҳама ситораҳо итоат мекунанд. Ман тоқати саркашии касерову чизеро надорам.

Шаҳзодаи хурдакак ба ваҷд омада буд. Кош вай низ, чунин тавоно мебуд! Он гоҳ ба ӯ муяссар мешуд, ки дар як рӯз на чилу чор бор, балки ҳафтоду ду маротиба, ҳатто сад дусад маротиба ғуруби офтобро тамошо кунад ва барои ин ҳатто аз як ҷо ба ҷои дигар гузоштани курсӣ лозим нахоҳад буд. Ин дам вай сайёраашро ёд карда ғамгин гашт ва далертар шуда аз султон пурсид:

– Ман мехоҳам, ғуруби офтобро бинам. Хоҳиш мекунам, меҳрубон бошед, ба офтоб амр диҳед, ки ғуруб кунад...

– Агар ман ба ягон сарлашкар фармон диҳам, ки шаҳпарак шуда аз гул ба гул парвоз кунад, ё фоҷиае содир намояд, ё ба моҳихӯрак мубаддал гардад ва агар вай фармонро, иҷро накунад, дар он сурат кӣ айбдор аст? - Вай ё ман?

– Шумо, аълоҳазрат, - бе ягон дудилӣ дарҳол ҷавоб дод Шаҳзодаи хурдакак.

– Ҳақ асту рост, - тасдиқ кард султон. - Аз ҳар кӣ мувофиқи қудраташ талаб бояд кард. Ҳукмронӣ пеш аз ҳама бояд оқилона бошад. Агар ту ба халқ фармон диҳӣ, ки худро ба баҳр партоед, халқшӯриш мебардорад. Ман ҳақ дорам, аз мардум талаб намоям, ки итоат кунанд, зеро фармонҳои ман оқилонаанд.

– Ғуруби офтобро мебинем? - ёдрас намуд Шаҳзодаи хурдакак. Ӯ баъди пурсидани чизе то ҷавобашро нагирад, ором намешуд.

– Ғурубро ҳам мебинем. Ман талаб мекунам, ки офтоб фурӯ равад. Вале аввал шароити мусоидро интизор мешавам, зеро хиради ҳоким дар ҳамин зуҳур меёбад.

– Кай шароити мусоид мешавад? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.



– Ҳм, ҳм - ҷавоб дод султон тақвими ғафсеро варақзанон. - Имрӯз соати ҳафту чил дақиқа. Ту мебинӣ, чӣ тавр амри ман дақиқ иҷро мегардад.

Шаҳзодаи хурдакак хамёза кашид. Афсӯс, ки ин ҷо ғуруби офтобро кай ки хоҳӣ, тамошо карда наметавонӣ. Росташро гӯем, вай каме дилгир гардид.

– Вақти рафтан шуд, - гуфт ӯ ба султон. - Ман дар ин ҷо дигар коре надорам.

– Ин ҷо бимон! - хоҳиш намуд султон: вай фахр мекард, ки зердасте ёфт ва намехост аз ӯ ҷудо шавад. - Бимон, ман туро вазир таъин мекунам.

– Вазири чӣ?

– Масалан, вазири адлия.

– Лекин ин ҷо касе нест, ки адолат ҷорӣ кунам!

– Шояд бошад, - норозигӣ баён кард султон. - Ҳоло ҳамаи кишвари худро аз назар нагузаронидаам. Ман пири барҷомондаам, барои фойтун ҷой надорам, пиёда гаштан азоби алимест...

Шаҳзодаи хурдакак хам шуда боз як бор тарафи дигари сайёраро назора кард.

– Ман дидам, - нидо кард ӯ. - Дар он ҷо ҳам касе нест.

– Набошад, худатро фармон деҳ, - гуфт султон. - Ин аз ҳама душвор. Худро фармон додан душвортар аз он аст, ки дигаронро фармон диҳӣ. Агар худро дуруст фармон дода тавонӣ, бидон, ки ҳақиқатан оқилӣ.

– Ман худамро метавонам дар ҳама ҷо фармон диҳам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Барои ин шарт нест, ки назди шумо монам.

– Ҳм, ҳм... - гуфт султон. - Ба фикрам дар кадом ҷои сайёраи ман калламуши пире зиндагӣ мекунад. - Шабҳо

мешунавам, ки замин мехарошад. Ту метавонӣ калламуши пирро ҳукм кунӣ. Хоҳӣ, ба вай ҳукми қатл барор, ҳаёти вай ба ту вобаста хоҳад буд: Вале ҳар дафъа, ки ҳукми қатл бароварди, бояд авф кунӣ. Калламуши пирро бояд эҳтиёт намуд, вай дар сайёра яккаву ягона аст.

– Ҳукми қатл бароварданро дӯст намедорам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Ва умуман, вакти рафтан шуд.

– Не, ҳоло вакт нашудааст, - эътироз кард султон.

Шаҳзодаи хурдакак омодаи роҳ буд, вале ҳокими пирро ранҷондан намехост.

– Агар аълоҳазрат хоҳанд, ки ҳамаи фармонҳояшон бечунучаро иҷро шавад, - гуфт вай - хуб мешуд, ки амри хирадмандонае медоданд. Масалан, ба ман фармон медодед, ки худи ҳозир ба роҳ дароям. Ба фикрам барои ин аз ҳоло дида шароити мусоидтаре нест.

Султон хомӯш буд ва Шаҳзодаи хурдакак ба як қарор омада натавониста каме истод, баъд оҳе кашиду ба роҳ даромад.

– Туро сафир таъин мекунам! - саросемавор аз паси ӯ фарёд кард султон. Ӯ ин лаҳза тоқати эътирози касеро надошт. Аз чеҳрааш аён буд.

«Калонсолон одамони ғалатианд», - гуфт ба худ Шаҳзодаи хурдакак роҳашро давом дода.

## XI

Дар сайёраи дуюм шуҳратпарасте мезистааст.

– Оҳ, ана, ҳаводор пайдо шуд, - нидо кард ӯ аз дур Шаҳзодаи хурдакакро дида.

Охир ба одамони шуҳратпараст чунин менамоянд, ки ҳама мафтуни онҳоянд.

— Ассалому алайкум, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Чӣ хел кулоҳатон ғалатист.

— Ин барои таъзим намудан, - фаҳмонд шуҳратпараст.

— Барои таъзими онҳое, ки маро таҳният мекунанд. Бадбахтона, касе ба ин ҷо сар намехалонад.

— Ҳамин тавр? - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. Вай ҳеҷ чизро нафаҳмид.

— Канӣ, як қарсак зан, - хоҳиш намуд шуҳратпараст. Шаҳзодаи хурдакак қарсак зад. Шуҳратпараст кулоҳро андак бардошта хоксорона таъзим кард. "Ин ҷо шавқангезтар аз сайёраи султони пир аст", - аз дил гузаронд Шаҳзодаи хурдакак. Вай боз қарсак зад.



Шуҳратпараст кулоҳашро аз сар гирифта таъзим намуд. Ҳамин тавр қарсаку таъзим ягон панҷ дақиқа давом кард ва ба дили Шаҳзодаи хурдакак зад.

– Чи бояд кард, ки кулоҳ ба замин афтад, - пурсид вай.

Вале шуҳратпараст нашунид. Ба гӯши шӯҳратпарастон ғайр аз таъриф чизе намедарояд.

– Ту дар ҳақиқат ҳаводори самимии манӣ? - пурсид ӯ аз Шаҳзодаи хурдакак.

– Ҳаводорӣ чӣ маънӣ дорад?

– Яъне эътирофи он, ки ман дар ин сайёра аз ҳама зебо, олуфта, 0191л ва дороям.

– Дар сайёраи ту каси дигар ҳам нест-ку?

– Хайр, ҳамин хел бошад ҳам, маро хушнуд бикун, ҳузуру ҳаловат бахшой, мафтуни ман шав!

– Ман мафтун мешавам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак каме китф дарҳам кашида, - лекин ба ту ин чӣ лаззате мебахшад?

Ва ӯ аз пеши шуҳратпараст гурехт.

"Дар ҳақиқат калонсолон одамони аҷибанд", фикр кард ӯ вақти ба роҳ даромадан.

## XII

Дар сайёраи дигар бадмасте мезистааст. Шаҳзодаи хурдакак назди ӯ бисёр наистод, вале табъаш бисёр хира шуд.

Вақте ки вай ба ин сайёра омад, бадмаст хомӯш нишаста ба қатори шишаҳои холиву пур менигарист.

– Ту чӣ кор мекунӣ? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Менӯшам, - маъюсона ҷавоб дод бадмаст.

– Барои чӣ?



— Барои он ки фаромӯш кунам.

— Чиро фаромӯш кунӣ? - ба бадмаст раҳмаш омада пурсид вай.

— Азоби виҷдонро, - ҷавоб дод бадмаст ва сарашро хам кард.

— Чаро виҷдонат дар азоб аст? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак. - Вай бисёр мехост ба ин бечора ёрӣ диҳад.

— Виҷдонам амр намекунад, ки нӯшам, - фаҳмонд бадмаст ва дигар имкони аз вай ягон калима гирифтан набуд.

Шаҳзодаи хурдакак ҳайрон ба роҳи худ давом кард.

"Ҳа, бешубҳа, калонсолон бисёр ва бисёр одамони аҷибанд", - фикр мекард ӯ роҳравон.

## XIII

Сайёраи чорум ба одами корчаллон тааллуқ доштааст. Вай чунон банд буд, ки аз пайдо шудани Шаҳзодаи хурдакак ҳатто хабар наёфт.

– Ассалому алайкум, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Оташи сигоратон хомӯш шудааст.

– Сею ду-панҷ. Панҷу ҳафт-дувоздаҳ. Дувоздаҳу се - понздаҳ. Ваалайкум ассалом. Понздаҳу ҳафт - бисту ду. Бисту дуву шаш - бисту ҳашт. Вақт надорам, ки гӯгирд занам. Бисту панҷу шаш - сию як. Уф! ҳамагӣ, яъне панҷсаду як миллиону шашсаду бисту ду ҳазору ҳафтсаду сию як.

– Панҷсад миллион чӣ?

– А? Ту ҳоло ҳам ин ҷой? Панҷсад миллион... Намедонам чӣ!.. Ман чунон серкорам! Ман одами ҷиддиям, ба сафсата вақт надорам! Дую панҷ - ҳафт...

– Панҷсад миллион чӣ? - такроран пурсид Шаҳзодаи хурдакак. Ӯ ягон чизро пурсида то ҷавобашро нафаҳмад, ором намешуд.

Корчаллон сарашро бардошт.

– Панҷоҳу чор сол мешавад, ки дар ин саиёра зиндагӣ мекунам ва дар ин муддат ба ман фақат се маротиба халал расонидаанд. Бори аввал бисту ду сол пеш, аз куҷое гамбусаки баҳорӣ парида омад. Вай чунон ғавғое бардошт, ки ман дар ҷамъ чор хато кардам. Бори дуюм, ёздаҳ сол пеш, дарди тарбодам хуруҷ кард. Аз пайваста нишаста кор кардан. Ман ба сайругашт вақт надорам. Ман одами ҷиддӣ, бори сеюм... мана ҳозир! Яъне, ин мешавад... панҷсад миллион...

– Панҷсад миллион чӣ?..

Корчаллон фаҳмид, ки ҷавоб додан лозим аст, вагарна ӯро ором намегузоранд...

– Панҷсад миллион чизҳои майдаяке, ки гоҳе дар ҳаво дидан мумкин.

– Чӣ, магасҳо?

– Не, охир. Ҳамин хел майдаяки дурахшон.

– Занбӯрҳо?

– Не охир. Ҳамин хел майдаяки тиллоӣ, ҳар танбале, ки ба вай нигоҳ кунад, ба қайди орзуву хаёл меафтад. Ман бошам, одами ҷиддиям. Ман ба орзу вақт надорам.

– Ҳа, ситораҳо?

– Худи худаш. Ситораҳо.

– Панҷсад миллион ситора? Ту бо онҳо чӣ кор мекунӣ?

– Панҷсаду як миллиону шашсаду бисту ду ҳазору ҳафтсаду сию як. Ман одами ҷиддӣ, ман дақиқкориро дӯст медорам.

– Хайр, ту ҳамаи ин ситораҳоро чӣ кор мекунӣ?

– Чӣ кор мекунам?

– Ҳа, чӣ кор мекунӣ?

– Ҳеҷ кор намекунам. Ман соҳиби онҳоям.

– Ту соҳиби ситораҳоӣ?

– Ҳа.

– Вале ман султонеро дидам, ки вай...

– Султонҳо соҳиби чизе нестанд. Онҳо фақат ҳукмронанд. Соҳибиву ҳукмронӣ чизҳои гуногунанд.

– Ба ту соҳиби ситораҳо шудан чӣ лозим?

– Барои доро шудан.

– Дорои барои чӣ лозим?

– Барои харидани ситораҳои нав. Агар касе ситора кашф кунад, онро мехарам.

"Вай мисли бадмаст муҳокима меронад" - фикр кард Шаҳзодаи хурдакак. Ва боз пурсид:

– Ситораҳоро чӣ хел соҳибӣ кардан мумкин аст?

– Ситораҳо аз они кӣ? - ғур - ғур кард корчаллон.

– Намедонам. Аз они ҳеҷ кас.

– Набошад, аз они ман. Барои он ки ин фикр аввал ба сари ман омад.



– Магар ин кифоя аст?

– Албатта. Агар ту алмоси бесоҳибро ёбӣ, аз ту мешавад. Агар ҷазираи бесоҳиберо ёбӣ, аз ту мешавад. Агар ягон фикри аҷоибе аввал ба сари ту ояд, барои вай ҳуҷҷат мегирӣ: он ихтирои туст. Ман барои он ситораҳоро соҳибӣ мекунам, ки то ман ин фикр ба сари касе наомада буд.

– Ин гап дуруст аст, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. Хайр, ту онҳоро чӣ кор мекунӣ?

– Идора мекунам, - ҷавоб дод корчаллон. - Ҳисоб мекунаму ҳисоб мекунам. Шумурдан бисёр душвор аст. Вале ман одами ҷиддиям.

Шаҳзодаи хурдакакро ин гапҳо қонеъ намегардониданд.

– Агар ман рӯймоли шоҳӣ дошта бошам, онро ба гардан мебандаму гирифта меравам, - гуфт ӯ. - Агар гуле дошта бошам, онро меканаму бо худ мебарам. Вале ту ситораҳоро бо худ бурда наметавонӣ-ку?

– Не, вале ман онҳоро ба банк гузошта метавонам.

– Чӣ хел?

– Ҳамин хел: дар коғазчае менависам, ки чӣ қадар ситора дорам. Баъд он коғазро ба қуттӣ меандозаму қулф мекунам.

– Ҳамааш ҳамин?

– Ҳаминаш кифоя.

Ғалатӣ! - фикр кард Шаҳзодаи хурдакак. - Ҳатто шоирона аст. Вале чандон ҷиддӣ нест".

Чизи ҷиддиву ноҷиддиро Шаҳзодаи хурдакак ба

таври худ мефаҳмид, тавре ки ба фаҳмиши калонсолон тамоман мувофиқат намекард.

– Ман гулаке дорам, - гуфт вай, - ҳар саҳар онро об медиҳам. Се вулқон дорам, онҳоро ҳар ҳафта тоза мекунам. Ҳар сеяшро тоза мекунам, хомӯшашро ҳам. Кӣ медонад, чӣ ҳодисае мешавад. Ҳам вулқонҳо, ҳам гул аз соҳибашон фоида мебинанд. Ситораҳо аз ту чӣ фоидае мебинанд?

Корчаллон даҳонашро кушод. Мехост ҷавоб диҳад, вале гуфтание наёфта бо даҳони воз монд.

Шаҳзодаи хурдакак роҳашро давом дод.

"Не, калонсолон дар ҳақиқат одамони ҳайратангезанд" - содадилона мегуфт ӯ ба худ, роҳашро давом дода.

## XIV

Сайёраи панҷум бисёр аҷоиб буд, аз дигар сайёраҳо хурдтар. Он ҷо фақат фонусу фонусгар мегунҷиданд. Шаҳзодаи хурдакак ҳеҷ фаҳмида наметавонист: ба сайёраи кӯчаки ноаён, ки на манзилгоҳе дораду на сокине, фонусу фонусгар чӣ лозим бошад? Вале фикр кард:

"Шояд ин одам ҳам соддалавҳ аст. Вале на ба он дараҷа, ки султону шуҳратпарасту корчаллони бадмаст соддалавҳанд. Кори ӯ ба ҳар ҳол маъние дорад. Ҳар гоҳ фонусашро фурӯзон кунад, гӯё боз як ситорае ё гуле тавлид меёбад. Фонусашро хомӯш кунад, гӯё ситорае ё гуле ба хоб мераванд. Шуғли хуб! Ин ҳақиқатан фоиданок аст, зеро ки зебост".

Вай ба ин сайёра наздик шуда, боадабона ба фонусгар таъзим кард.

– Рӯз ба хайр, - гуфт вай. - Чаро ту ҳозир фонусатро хомӯш кардӣ?

– Қавлу қарор ин аст, - ҷавоб дод фонусгар. - Рӯз ба хайр.

– Ин чӣ қавлу қарорест?

– Фонусро хомӯш кардан. Шаб ба хайр. Вай боз фонусро фурӯзон кард.

– Чаро аз нав онро даргирондӣ?

– Қавлу қарор ин аст, - такрор кард фонусгар. Ҳеҷ чизро намефаҳмам, - иқрор шуд Шаҳзодаи хурдакак.

– Чизи нофаҳмое ин ҷо нест. Қавлу қарор қавлу қарор аст. Рӯз ба хайр.

Ӯ фонусро хомӯш кард.

Баъд бо рӯймоли сурхи катак араќи ҷабинашро пок карда гуфт:

– Касби ман бисёр душвор аст. Як вақтҳо маъние дошт. Ман пагоҳиҳо фонусро хомӯш мекардаму бегоҳиҳо меафрӯхтам. Боз як рӯз доштам, ки дам гирам ва як шаб доштам, ки аз хоб сер шавам..

– Баъд қавлу қарор тағйир ёфт?

Тағйир наёфтааст, - гуфт фонусгар. - Сайёраи ман сол аз сол тезтар давр мезанад, вале қавлу қарор тағйир намеёбад.

– Акнун чӣ хел мешавад? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Ҳеҷ... Сайёра дар як дақиқа як маротиба пурра давр мезанад, ман ягон сония нафас рост карда

наметавонам. Ҳар дақиқа фонусро хомӯш мекунам ва аз нав дармегиронам.

– Чӣ хел ғалатӣ! Яъне рӯзи ту ҳамагӣ як дақиқа давом дорад!

– Ин ҷо ягон аҷобате нест, - эътироз кард фонусгар. - Як моҳ шуд, ки ману ту гап мезанем.

– Як моҳи пурра?!

– Ҳа, охир. Сӣ дақиқа. Сӣ рӯз. Шаб ба хайр! Ӯ боз фонусро фурӯзон кард.

Шаҳзодаи хурдакак ба фонусгар нигарист. Одаме, ки ба қавли худ аз таҳти дил устувор буд, ба вай маъқул буд. Ба ёди Шаҳзодаи хурдакак расид, ки як вақтҳо барои ин ки ғуруби офтобро боз як бор тамошо кунад, курсиашро аз ҷое ба ҷое мекӯчонд. Акнун хост, ки дӯсташ ёрӣ расонад.

– Гӯш кун, - гуфт ӯ ба фонусгар. - Ман ҳилаеро медонам: ту кадом вақте хоҳӣ, метавонӣ дам бигирӣ.

– Ман ҳамеша дам гирифтан мехоҳам, - гуфт фонусгар.

– Охир мумкин аст, ки кас қавли устувор дошта, вале танбал бошад.

– Сайёраи ту хеле кӯчак аст, - давом дод Шаҳзодаи хурдакак. Онро бо се қадам метавон тай кард.

Бо чунон суръате роҳ гаштан даркор аст, ки ҳамеша дар офтоб монӣ. Дам гирифтанӣ шавӣ, ҳамеша роҳ гард. Он гоҳ рӯз чӣ қадар ки хоҳӣ, ҳамон қадар дароз мешавад.

– Аз ин ба ман он қадар фоидае нест, - гуфт фонусгар. - Ман дар дунё аз ҳама бештар хобро дӯст медорам.



– Набошад, аҳволат бад, - раҳмхӯрона гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Аҳволам бад, - бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонд фонусгар. - Рӯз ба хайр.

Фонусро хомӯш кард.

"Чӣ одамест? - гуфт ба худ Шаҳзодаи хурдакак, - роҳашро давом дода, - одамест, ки ӯро султон бинад, шуҳратпарасту корчаллону бадмаст бинад, нафрат мекунад. Вале ба фикрам аз байни онҳо танҳо ӯ хандаовар нест. Шояд аз он сабаб, ки танҳо худро фикр намекунад".

Шаҳзодаи хурдакак оҳ кашид.

"Бо чунин касе дӯстӣ кардан мумкин аст, - боз фикр кард ӯ. - Вале сайёрааш аз ҳад хурд. Он ҷо барои ду кас ҷой нест..."

Вай ба иқрори он ки боз бо як сабаб ин сайёраи хурдакак маъқулаш шуд, ҷуръат намекард: дар давоми 24 соат ин ҷо метавон як ҳазору чорсаду чил маротиба ғурубро тамошо кард.

## XV

Сайёраи шашум дар нисбати пешин даҳ баробар калон буд. Он ҷо пирамарде зиндагӣ мекард. Вай китобҳои ғафс-ғафс менавишт.

– Инро бинед! Сайёҳ омад! - Шаҳзодаи хурдакакро дида нидо кард ӯ.

Шаҳзодаи хурдакак рӯи миз нишаст, ки каме нафас рост кунад. Охир, ӯ чӣ қадар ҷаҳонгардӣ кард!

– Ту аз куҷой? - суол кард пирамард.

– Ин китоби калон чӣ ном дорад? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак. - Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Ман ҷуғрофидон ҳастам, - ҷавоб дод пирамард.

— Ҷуғрофидонаш чӣ?

— Ҷуғрофидон олимест, ки дар куҷо воқеъ будани баҳру дарёҳо, шаҳрҳо, кӯҳҳо ва биёбонҳоро медонад.

— Хеле аҷиб! - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Ана ин кори ҳаққонӣ!

Ӯ бо гӯшаи чашм сайёраи марди ҷуғрофидонро аз назар гузаронд. Вай ягон маротиба ин хел сайёраи бошукуҳро надида буд.

— Сайёраи шумо хеле зебост, - гуфт ӯ. - Шумо уқёнус доред?

— Инро ман намедонам, - ҷавоб дод ҷуғрофидон. - О... - ноумед шуда мад кашид Шаҳзодаи хурдакак - кӯҳҳо чӣ?

— Намедонам, - гуфт ҷуғрофидон.

— Шаҳрҳо, дарёҳо, биёбонҳо ҳастанд?

— Инро ҳам намедонам.

— О, шумо ҷуғрофидон-ку?

— Оре, - гуфт пирамард. Ман ҷуғрофидонам, сайёҳ не. Ман аз набудани сайёҳон ниҳоят азоб мекашам. Охир, ҷуғрофидонҳо шаҳру дарёву кӯҳу баҳру уқёнусу биёбонҳоро ҳисоб намекунанд. Ҷуғрофидон шахси муътабар аст, ба саёҳат вақт надорад. Вай аз утоқи кории худ намебарояд. Вале, сайёҳонро назди худ қабул карда, ҳикояти онҳоро менависад. Агар касе аз онҳо ягон чизи аҷиб нақл кунад, ҷуғрофидон пурсуҷӯ карда мефаҳмад, ки он шахс бомаънию ҷиддист ё не.

— Ин барои чӣ?

– Охир, агар сайёҳ дурӯғ гӯяд, дар китоби ҷуғрофиё ҳама чиз чаппаву роста мешавад. Агар аз будаш зиёд шароб нӯшад, ин ҳам бадбахтист.

– Чаро?

– Зеро ки дар чашми бадмастон як чиз ду менамояд. Дар натиҷа он ҷо ки дар ҳақиқат як кӯҳ хаст, ҷуғрофидон ду кӯҳ ишора мекунад.

– Ман як одамро медонистам, ки аҷаб сайёҳи бад мебуд, - қайд кард Шаҳзодаи хурдакак.

– Ин тавр шуданаш аз эҳтимол дур нест. Агар сайёҳ одами бовиҷдон бошад, он гаҳ кашфиёти ӯро тафтиш мекунанд.

– Чӣ хел тафтиш? Рафта мебинанд?

– Не, охир... Рафта дидан душвор аст. Фақат талаб мекунанд, ки сайёҳ далел биёрад. Масалан, агар сайёҳ кӯҳи калонеро кашф карда бошад. бояд аз он сангҳои калон биёрад.

Ҷуғрофидон якбора ба ҳаяҷон омад:

– Охир, худи ту ҳам сайёҳӣ! Аз ҷои дуромадӣ. Ба ман аз сайёраи худат нақл кун!

Ҷуғрофидон китоби ғафсеро кушода нӯки қаламро тарошид. Нақли сайёҳонро аввал бо қалам менависанд. Ва фақат баъди исботи худро пешниҳод кардани сайёҳ нақли ӯро бо ранг менависанд.

– Гӯшам ба ту, - гуфт ҷуғрофидон.

– Ҷои ман он қадар тамошобобу аҷоиб нест, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Ҳама чизҳои ман хурд аст. Се вулқон дорам. Ду вулқони амалкунанда ва яке кайҳо

хомӯш шудааст. Вале кӣ медонад чӣ ҳодисаҳо рӯй медиҳанд.

– Ҳа, ҳар чӣ шуданаш мумкин, - тасдиқ кард ҷуғрофидон.

– Баъд... ман гул дорам.

– Гулҳоро мо қайд намекунем, - гуфт ҷуғрофидон.

– Чаро? Охир, гули ман аз ҳама зебост!

– Онҳо бебақоанд.

– Чӣ хел бебақоанд?

Китобҳои ҷуғрофиё қиматтарин китобҳои ҷаҳонанд, - фаҳмонд ҷуғрофидон. - Онҳо ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешаванд. Охир, агар кӯҳе аз ҷояш ҷунбад, ҳодисаи нодире хоҳад буд. Ё ин ки уқёнус хушк гардад. Мо чизҳои ҷовидон ва бебадалро таъриф мекунем.

– Вале вулқони хомӯш бедор шуданаш мумкин аст, - гапи ӯро бурид Шаҳзодаи хурдакак. - "Бебақо", чӣ маъно дорад?

– Вулқон хомӯш аст ё оташфишон, барои мо аҳамият надорад, - гуфт ҷуғрофидон. - Фақат як чиз муҳим аст: кӯҳ. Кӯҳ тағйир намеёбад.

– "Бебақо" чӣ маънӣ дорад? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак, охир вай чун савол медод, то ҷавобашро нагирад, ором намешуд.

– Бебақо чизест, ки ба зудӣ нест мешавад.

– Гули ман бояд ба зудӣ нест шавад?

– Албатта.

"Нозанини ман бебаҳост, шодии ман бебаҳост, - гуфт ба худ Шаҳзодаи хурдакак, - вай чизе надорад, ки

худро аз олам муҳофизат кунад, буду шуд чор хор дорад. Ман ҳам ӯро партофтам ва ӯ дар сайёраи ман яккаю танҳо монд!".

Ин бори аввал буд, ки ӯ афсӯси гули партофтаашро мекард. Вале ӯро ҳамон лаҳза ҷасорат пайдо шуд.

– Шумо чӣ маслиҳат медиҳед: ман куҷо равам? - пурсид вай аз ҷуғрофидон.

– Сайёраи Заминро як бубин, гуфт ҷуғрофидон. - Вай ба дидан меарзад...

Шаҳзодаи хурдакак ба роҳ даромад, вале ҳушу ёдаш банди гулаш буд, ки партофтааст.

## XVI

Инак, сайёраи ҳафтум, ки вай он ҷо қадам гузошт, Замин буд.

Замин сайёраи оддӣ нест! Вай як саду ёздаҳ султон дорад (аз ҷумла, султонҳои зангӣ), ҳафт ҳазор ҷуғрофидон, нуҳсад ҳазор корчаллон, ҳафтуним миллиён бадмаст, сесаду ёздаҳ милён шуҳратпараст, - ҷамъ қариб ду миллиард одами калонсол.

Барои он ки чӣ андоза бузург будани заминро ба шумо фаҳмонам далеле меорам: то ихтирои қувваи электр дар ҳамаи шаш қитъа лозим меомад, ки шумораи зиёди фонусгаронро нигаҳ доранд - чорсаду шасту ду ҳазору панҷсаду ёздаҳ нафар.

Агар аз канор истода нигоҳ кунед, ин як тамошои ғалатӣ мебуд. Ин миқдор фонусгарон гӯё ба усули дақиқу мавзуне, ки хоси балет аст, ҳаракат мекарданд.

Аввал фонусгарони Зиланди ҷадид ва Остролиё ба кор сар мекарданд. Онҳо чароғҳои худро афрӯхта ба

хобидан мерафтанд. Баъд навбати фонусгарони Хитой меомад. Рақси худро ичро карда, онҳо низ паси парда пинҳон мешуданд. Баъд, навбати фонусгарони Русия ва Ҳиндустон мерасид. Баъд дар Африкову Аврупо. Баъд дар Амрикои Ҷанубӣ. Пас дар Амрикои Шимолӣ. Ва онҳо ҳеҷ гоҳ хато намекарданд, ҳама дар вақташ ба саҳна мебаромаданд. Ҳо, ин бисёр аҷиб буд! Фақат фонусгаре, ки бояд фонуси ягонаро дар Қутби Шимол дармегиронд ва шарики ӯ дар Қутби Ҷануб - фақат ҳар дуйи инҳо зиндагии осону дилхушона доштанд: ба онҳо дар як сол ҳамагӣ ду маротиба бо ин кор машғул шудан лозим меомад.

## XVII

Агар кас бисёр хоҳад, ки базлагӯӣ кунад, баъзан нохост як-ду дурӯғ ҳам мегӯяд. Ман аз фонусгарон нақл кардаму каме зидди ҳақиқат баромадам. Аз он метарсам, касоне, ки сайёраи моро намедонанд, онро нодуруст тасаввур мекунанд. Одамон дар Замин ҷои он қадар бисёрро намегиранд. Агар ду миллиард сокинони он якҷо ҷамъ шаванд, ки гӯё митинг баромада бошанд, бе ягон душворӣ дар масофае ҷой мегиранд, ки дарозиаш бист чақрим ва бараш бист чақрим бошад. Тамоми инсониятро китф ба китф дар ҷазирачаи хурди уқёнуси Ором метавон ҷой кард.

Калонсолон албатта, ба шумо бовар надоранд. Дар тасаввурашон ҷои бисёре ишғол мекунанд. Хаёлашон, ки баобабҳо барин азаматанд. Вале шумо ба онҳо маслиҳат диҳед, ки дақиқ ҳисоб кунанд. Ин маъқулашон мешавад. Охир онҳо рақамҳоро дӯст медоранд. Худатон

барои ҳисобу китоби ин вақт сарф накунед, ки кори беҳуда аст. Шумо бе ин ҳам ба ман бовар доред.



Инак, Шаҳзодаи хурдакак ба Замин фуромада ҷони зиндаеро надид ва бисёр дар ҳайрат монд. Вай ҳатто аз

хаёл гузаронд, ки хато карда ба ягон сайёраи дигаре парида омадааст. Вале ин дам дар қабати рег як ҳалқачаи моҳтобранг ҷунбид.



– Шаб ба хайр, - аз рӯи эҳтиёт гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Шаб ба хайр, - ҷавоб дод мор.

– Ман ба кадом сайёра афтодам?

– Ба Замин, - гуфт мор, - Ба Африқо.

– Наход? Магар дар Замин одамон зиндагӣ намекунанд?

– Ин биёбон аст. Дар биёбон касе зиндагӣ намекунад. Вале Замин калон аст.

Шаҳзодаи хурдакак рӯи санге нишаста ба осмон нигарист.

– Мехостам бифаҳмам, - чаро ситораҳо медурахшанд, - хаёломез гуфт вай. - Шояд барои он ки ҳар касе дер ё зуд ситораи худро боз ёбад. Бубин, сайёраи ман дар болои сари мо... Вале то он ҷо роҳ чӣ қадар дур аст!

– Сайёраи зебо, - гуфт мор. - Ту дар ин ҷо, дар Замин чӣ кор мекунӣ?

– Ман бо гули худ қаҳрӣ шудаам, - росташро гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Ҳо, гап дар ин ҷо будааст! Ҳар ду хомӯш монданд.

– Одамон куҷоянд? - боз ба гап даромад Шаҳзодаи хурдакак. Дар биёбон ба ҳар ҳол кас яккаву танҳост...

– Байни мардум ҳам...

Шаҳзодаи хурдакак бо диққат ба вай нигоҳ кард.

– Ту махлуқи аҷибӣ, - гуфт ӯ. - Баробари як ангушт...

– Вале қудрати ман аз қудрати ангушти султон бештар аст.

Шаҳзодаи хурдакак табассум кард:

– Магар ту ин қадар тавоноӣ? О, ақаллан панҷаат нест. Саёҳат карда наметавонӣ...

– Ман туро ҷое бурда метавонам, ки ягон киштӣ наметавонад барад, - гуфт мор.

Вай гирди буҷулаки пои Шаҳзодаи хурдакак мисли дастпона ҳалқа шуд.

– Ба касе ки расам, ӯро ба замине, ки аз он ҷо баромадааст, бармегардонам, - гуфт вай. - Вале ту покӣ ва аз ситора пайдо шудаӣ.

Шаҳзодаи хурдакак ҷавоб надод.

– Ба ту раҳмам меояд, - давом дод мор. - Ту дар ин Замини мо, ки чун санги хорост, заиф ҳастӣ! Рӯзе, ки ту аз тарки сайёраат сахт афсӯс хӯрӣ, ман ёрӣ медиҳам. Ман метавонам...

– Нағз фаҳмидам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Вале чаро гапҳои ту ҳамеша муаммодор?

– Ман ҳамаи муаммоҳоро ҳал мекунам, - гуфт мор.

Ҳар ду сукут варзиданд.

## XVIII

Шаҳзодаи хурдакак биёбонро тай карда дар роҳ касеро вонахӯрд. Дар тамоми ин муддат як гуле ба чашмаш афтид, - гули майдаяки назарногире, ки се барг дошт...

– Салом, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Салом, - ҷавоб дод гул.

– Одамон дар куҷоянд? - ҳалимона пурсид Шаҳзодаи хурдакак. Гул боре гузаштани корвонеро дида буд.

– Одамон? Ҳа, ба хотирам расид: ба хаёлам, онҳо ҳамагӣ ҳафт-ҳашт нафаранд. Ман онҳоро чандин сол пеш дида будам. Вале дар куҷо бояд ҷустуҷӯ кард, маълум нест. Онҳоро шамол ҳар сӯ мебарад. Одамон реша надоранд, ки басо хуб нест.

– Алвидоъ, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Алвидоъ, - гуфт гул.

## XIX

Шаҳзодаи хурдакак ба кӯҳи баланде баромад. Пеш вай ғайри се вулқоне, ки то зонуяш мерасид ягон бор кӯҳеро надида буд. Вулқони хомӯш барои вай хизмати курсиро адо мекард. Ӯ акнун аз хаёл гузаронд: "Аз кӯҳи баланд ман тамоми сайёра ва ҳамаи одамонро якбора мебинам".

Вале фақат қуллаҳои чун сӯзан борику тезро дид.



– Рӯз ба хайр, - гуфт вай ба ҳар ҳол.

"Рӯз ба хайр... хайр... хайр... хайр..." - шунида шуд акси садо.

, - Шумо кистед? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак. "Шумо кистед... кистед... кистед..." - ҷавоб дод акси садо.

– Биёед, дӯст шавем, ман танҳои танҳоям, - гуфт вай.

– "Танҳо... танҳо... танҳо..." ҷавоб дод якси садо. "Чӣ хел сайёраи аҷиб! - фикр кард Шаҳзодаи хурдакак. - Тамоман хушк, шӯр ва ҳама ҷояш сӯзон. Фаҳми одамон ҳам ба чизе намерасад.

Онҳо фақат ҳар чӣ гӯй, такрор мекунанд... Ман дар хонаам гул доштам, он гули нозанин боиси шодиву хурсандии ман буд, ҳамеша аввал ба сухан медаромад".

## XX

Шаҳзодаи хурдакак муддати дароз аз болои регҳову шаххҳову барфҳо қадам зада охирулламр ба роҳ баромад. Ҳамаи роҳҳо касро сӯи одамон мебаранд.

– Рӯз ба хайр, - гуфт вай. Дар рӯ ба рӯи ӯ боғе буд, пур аз садбарг.

– Рӯз ба хайр, - овоз доданд садбаргҳо. Шаҳзодаи хурдакак дид, ки садбаргҳо ҳама ба гули ӯ монанданд.

– Шумо кистед? - гуфт ӯ маҳву мот шуда.

– Мо садбарг ҳастем, - ҷавоб доданд онҳо.

– Аҷабо! - Шаҳзодаи хурдакак ин дам худро чунон бадбахту нотавон ҳис кард! Гули нозанини ӯ ба вай гуфта буд, ки дар тамоми кайҳон гуле мисли ӯ нест. Акнун 5 ҳазор ҳамин хел гулро фақат дар як боғ мебинад!

"Агар гули ман инҳоро медид, чӣ қадар қаҳраш меомад! - фикр кард Шаҳзодаи хурдакак. - Вай сахт - сахт месурфиду барои он ки хандаовар нанамояд, вонамуд мекард, ки ҳозир мемирад.



Ба ман бошад,лозим меомад, ки ӯро чун беморе нигоҳубин кунам, набошад дар ҳақиқат мемурд...

Баъд аз фикр гузаронд: "Гумон мекардам, ки соҳиби гули нестандарчаҳонам, вале вай садбарги оддӣ будааст. Ман ҳамагӣ як садбарги оддӣ доштааму се вулқони баробари зонуям, ки яке аз онҳо шояд якумр хомӯш шуда бошад. О, ман баъди ин чӣ шаҳзодае ҳастам!.."

Вай худро рӯи алаф партофта гиря кард...



## XXI

Ҳамин вақт рӯбоҳ пайдо шуд.

– Салом, - гуфт вай.

– Салом, - ҳалимона ҷавоб дод Шаҳзодаи хурдакак ва сарашро бардошт... вале касе наменамуд.

– Ман ин ҷо, - шунида шуд овоз. - Дар таги дарахти себ...

– Ту кисти? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак. - Ту чӣ хел зебоӣ!

– Ман рӯбоҳ - гуфт рӯбоҳ.

– Бо ман бозӣ кун, - хоҳиш кард Шаҳзодаи хурдакак. - Ман чунон ғамгинам...

– Ман бо ту бозӣ карда наметавонам, - гуфт рӯбоҳ. - Ман дастомӯз нестам.

– Оҳ мебахшӣ, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. Вале хаёл карда пурсид:

– "Дастомӯз" чӣ маънӣ дорад?

– Пай мебарам, ки ту аз Замин нестӣ, - гуфт рӯбоҳ - Ин ҷо чӣ меҷӯӣ?

– Одамонро, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - "Дастомӯзӣ" чӣ маънӣ дорад?

–



– Одамон камон доранд ва ба шикор мераванд. Ин шикор бисёр ноформ аст. Боз онҳо мург мепарваранд. Кори хубе мекунанд. Ту мурғонро меҷӯӣ?

– Не, гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Ман дӯст мекобам. "Дастомӯз" чӣ маънӣ дорад?

– Ин мафҳумест, ки кайҳо фаромӯш шудааст, - фаҳмонд рӯбоҳ. - Вай чунин маънӣ дорад: риштаҳоро мепайванданд, яъне робита барқарор мекунанд.

– Риштаҳоро мепайванданд?

– Бале, - гуфт рӯбоҳ. - Ту барои ман алҳол фақат як писараки хурдӣ, мисли садҳо ҳазор писаракҳои дигар. Ту ба ман лозим нестӣ. Ман ҳам ба ту нодаркорам. Ман барои ту ҳамагӣ як рӯбоҳам, мисли сад ҳазор рӯбоҳи дигар. Вале агар ту маро дастомӯз кунӣ, мо барои ҳамдигар даркор мешавем. Ту барои ман ягона шахсе дар ҷаҳон хоҳӣ буд. Ман ҳам барои ту ягона шахсе дар ҷаҳон хоҳам шуд.

– Акнун фаҳмидам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Як садбарге ҳаст... Шояд вай маро дастомӯз кардааст...

– Эҳтимол, - розӣ шуд рӯбоҳ. - Дар Замин чӣ корҳое намешавад.

– Ин дар Замин нашудааст, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

Рӯбоҳ хеле ҳайрон шуд:

– Дар дигар сайёра?

– Ҳа.

– Дар он сайёра сайёд ҳаст?

– Не.

– Аҷиб! Мурғ чӣ?

– Не.

– Дунё номукаммал будааст! - оҳ кашид рӯбоҳ. Вай боз дар ин бора ба гап сар кард:

– Зиндагии дилгире дорам. Ман мурғонро шикор мекунам, одамон маро. Ҳамаи мурғон якхеланд, одамон ҳам ҳама як хел. Барои ҳамин ранҷурам. Вале агар ту маро дастомӯз кунӣ, зиндагии ман гӯё аз нури офтоб мунаввар мегардад. Қадамгузории туро ман аз байни ҳазорҳо қадаммонии дигар хоҳам шинохт. Ман шарфаи пои одамонро шунида ҳамеша пинҳон мешавам. Вале садои қадамҳои ту маро чун мусиқӣ ба сӯяш хоҳад кашид ва ман аз ин паноҳгоҳи худ хоҳам баромад. Ба он сӯ нигар! Мебинӣ, ҳо он ҷо, дар саҳро, гандум мепазад? Ман нон намехӯрам. Хӯшаҳо ба ман лозим нестанд. Будану набудани гандумзор бароям аҳамияте надорад. Аз ростӣ, ин бисёр ғамангез аст!

Валекин мӯи ту тиллоранг аст! Агар ту маро дастомӯз кунӣ, хеле аҷиб мешавад. Гандуми тиллой туро ба ёдам меораду ман мавҷи гандумзорро дӯст хоҳам дошт...

Рӯбоҳ хомӯш шуд ва дергоҳ ба рӯи Шаҳзодаи хурдакак нигарист.

Баъд гуфт:

– Илтимос, дастомӯзам кун!

– Бо ҷону дил дастомӯз мекардам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. Вале вақт надорам. Ман ҳоло бояд, ки дӯсте ёбам ва чизҳои гуногунро фаҳмида гирам.

– Фақат чизҳои дастомӯзро фаҳмидан мумкин аст, -

гуфт рӯбоҳ. - Мардум аллакай барои фаҳмидани ҳар чиз вақт надоранд. Онҳо аз дукон моли тайёр мегиранд. Вале дуконе, ки дӯст фурӯшад, вуҷуд надорад, бинобар ин одамон дигар дӯст надоранд. Агар хоҳӣ, ки дӯст дошта бошӣ, маро дастомӯз кун!

– Барои ин чӣ бояд кард? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Сабру тоқат, - ҷавоб дод рӯбоҳ. - Аввал он ҷо шин, дуртар, ба рӯи ҳо он алаф, - ана ҳамин хел. Ман ба ту бо гӯшаи чашм менигарам, ту бошӣ, хомӯш шин. Сухан барои фаҳмидани ҳамдигар фақат халал мерасонад. Вале рӯз аз рӯз каме наздиктар шин...

Пагоҳи дигар Шаҳзодаи хурдакак боз ба ҳамон ҷо омад.



– Беҳтараш ҳар рӯз дар як вақт биё, - хоҳиш кард рӯбоҳ. - Масалан, агар ту соати чор омаданӣ бошӣ, ман аз соати се худро хушбахт ҳис мекунам. Чӣ қадар соати муайян наздик шавад, ҳамон қадар хушбахттар хоҳам буд. Соати чор аллакай ба ҳаяҷон меоям, хавотир, ошуфта мегардам. Ман баҳои ҳақиқии бахтро

мефаҳмам! Агар ту ҳар дафъа дар вақти гуногун биёӣ, ман нахоҳам донист, ки дили худро ба кадом соат омода созам... Расму оинро бояд риоя намуд.

– "Расму оин" чӣ маънӣ дорад? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.



— Ин ҳам як чизест, ки кайҳо фаромӯш шудааст, - фаҳмонд рӯбоҳ. - Чизест, ки ба сабаби вай як рӯз аз рӯзҳои дигар фарқ мекунад, як соат ба соати дигар монанд нахоҳад буд. Масалан, сайёдони ман чунин расм доранд: ҳар ҳафта рӯзи панҷшанбе бо духтаракони деҳот мерақсанд. Ва чӣ рӯзи хуш аст - панҷшанбе! Ман ба сайругашт баромада, қариб то худи токзор меравам. Вале агар сайёдон, ҳар вақт ки рост ояд, рақс мекарданд, ҳамаи рӯзҳо ба ҳамдигар монанд мешуданд ва ман намедоннстам, ки истироҳаташ чист.

Ҳамин тавр Шаҳзодаи хурдакак рӯбоҳро дастомӯз кард. Ва инак соати видоъ расид.

— Ман ба ёди ту хоҳам гирист, - оҳ кашид рӯбоҳ.

— Худат айбдорӣ, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Ман охир намехостам, ки ту азият кашӣ, худат хоҳиш доштӣ, ки дастомӯз кунам.

— Ҳа, албатга, - гуфт рӯбоҳ.

— Вяле, ту гиря хоҳӣ кард?

— Ҳа. Албатта.



– Яъне дастомӯзӣ аҳволатро бад мекунад.

– Не, - эътироз кард рӯбоҳ, - аҳволам хуб аст. Ба ёд ор, ки дар бораи хӯшаҳои тиллоранг чӣ гуфта будам.

Вай хомӯш шуд. Баъд илова кард:

Бирав, бори дигар ба садбаргҳо нигар. Мефаҳмӣ, ки садбарги ту ягона дар ҷаҳон аст. Вақте ки назди ман барои хайрбод меоӣ, бароят сирре мекушоям. Ин туҳфаи ман ба ту хоҳад буд.

Шаҳзодаи хурдакак ба дидани садбаргҳо рафт.

– Шумо ба садбарги ман зуррае монандӣ надоред, - гуфт ӯ ба онҳо. - Шумо ҳоло чизе нестед. Ҳеҷ кас шуморо дастомӯз накардааст ва шумо касеро дастомӯз накардаед. Пештар рӯбоҳи ман чунин буд. Вай аз садҳо ҳазор рӯбоҳҳои дигар фарқ надошт. Вале ман бо ӯ дӯст шудам ва акнун вай ягона дар ҷаҳон аст.

Гулҳоро ҳаё пахш кард.

– Шумо зебо, вале луч ҳастед, - давом дод Шаҳзодаи хурдакак. - Барои шумо кас мурдан намехоҳад. Албатта, раҳгузаре тасодуфан гули маро дида мегӯяд, ки вай мисли ду қатра об ба шумо монанд аст. Вале як худи вай барои ман аз ҳамаи шумо қимат аст. Охир, шуморо не, вайро ман ҳар рӯз об медодам. Шуморо не, ӯро кулоҳи шишагӣ мепӯшондам.

Барои вай кирмакҳоро мекуштам ва фақат ду-се - тоашро мемондам, ки шаҳпарак баноранд. Ман шикояту худситоии ӯро мешунидам, ҳатто вақте ки хомӯш мешуд, ӯро бодиққат гӯш мекардам. Вай аз они ман. Ва Шаҳзодаи хурдакак назди рӯбоҳ баргашт.

– Алвидоъ, - гуфт вай.

– Алвидоъ, - гуфт рӯбоҳ. Инак сирри ман. Сирри ман бисёр оддист: танҳо дил доност. Чашм чизи асосиро намебинад. Танҳо дил мебинад.

– Чашм чизи асосиро намебинад, - такрор кард Шаҳзодаи хурдакак, то ки дар ёдаш хубтар монад.

– Садбарги ту бароят азиз аст, зеро ту ҳама рӯзҳои худро ба ӯ бахшидӣ.

– Зеро ҳама рӯзҳои худро ба ӯ бахшидам, - такрор кард Шаҳзодаи хурдакак, то ки дар ёдаш хубтар монад.

– Одамон ин ҳақиқатро фаромӯш кардаанд, - гуфт рӯбоҳ, - вале ту фаромӯш накун: масъулияти онҳое, ки дастомӯзашон кардӣ, ҳамеша бар дӯши туст. Масъулияти садбарг бар дӯши туст.

– Масъулияти садбаргам бар дӯши ман аст, - такрор кард Шаҳзодаи хурдакак, то ки дар ёдаш хубтар монад.

## XXII

– Рӯз ба хайр, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Рӯз ба хайр, - ҷавоб дод роҳбони роҳи оҳан.

– Чӣ кор мекунӣ? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Мусофиронро ба навъҳо ҷудо мекунам, - гуфт раҳбон.

– Онҳоро дар як навбат ҳазорнафарӣ ба қатора савор карда мефиристам - як қаторро ба суйи рост, дигарашро ба сӯи чап.

Он гоҳ қатори тезгард оинаҳои равшанашро ҷило додаву хоначаи роҳбонро ларзонда гулдурросзанон гузашта рафт.

– Онҳо ин қадар шитоб доранд? - ҳайрон шуд Шаҳзодаи хурдакак. - Чӣ меҷӯянд?

– Э, инро ҳатто ронандаи қатор намедонад, - гуфт раҳбон.

Боз як қатори тезгард чароғҳояшро милтирос занонда гулдурросзанон ба тарафи дигар гузашта рафт.

– Онҳо аллакай баргаштанд? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Не, инҳо дигаронанд, - гуфт раҳбон. - Ин қатор аз дигар тараф омад.

– Барои онҳо ҷои пешинашон нағз набуд?

– Ҷое хуб аст, ки мо он ҷо нестем, - гуфт раҳбон.

Қатори дигари тезгард ғулдурросзанон гузашт.

– Инҳо мехоҳанд ба аввалинҳо расида гиранд? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Инҳо ҳеҷ чиз намехоҳанд, - гуфт раҳбон. - Дар вагонҳо хобанд ё хамёза кашида нишастаанд. Танҳо бачаҳо биниашонро ба шишаи тиреза ҷафс карда тамошо доранд.

– Танҳо бачаҳо медонанд, ки чӣ меҷӯянд, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Бачаҳо ҳама рӯзи худро ба зочаи латтагӣ мебахшанду ин зоча бароящон аз ҳама азиз аст ва агар касе зочаро аз дасташон кашида гирад, мегирянд...

– Охир, вай бахти онҳост, - гуфт раҳбон.

## XXIII

– Рӯз ба хайр, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Рӯз ба хайр, - ҷавоб дод фурӯшанда.

Ин шахс ҳаби навбаромаде мефурӯхт, ки ташнагиро мешиканад. Ин хел ҳабро фуру барӣ, як ҳафта ташна намемонӣ.

– Барои чӣ онро мефурӯшӣ? - пурсид Шаҳзодаи хурдакак.

– Бо ин ҳаб вақт сарфа мешавад, - ҷавоб дод фурӯшанда. - Аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар як ҳафта панҷоҳу се дақиқаро сарфа намудан мумкин аст.

– Ин панҷоҳу се дақиқаро чӣ хел гузаронидан даркор?

– Чӣ хеле ки хоҳӣ.

"Агар ман панҷоҳу се дақиқа вақти холӣ пайдо мекардам, бе ҳеҷ дудилӣ назди чашма мерафтам", - фикр кард Шаҳзодаи хурдакак.



## XXIV

Аз рӯзе, ки ман ба фалокат дучор шудам, як ҳафта гузаштааст ва он гоҳ ки ҳикояти ҳабфурӯшро гӯш мекардам, охирин қатраи обро нӯшидам.

– Оре, - гуфтам ба Шаҳзодаи хурдакак, - ҳикояти ту бисёр аҷиб аст, вале то ҳол ҳавопайморо таъмир накардаам, ягон қатра обам намонд ва ман ҳам, агар бе ҳеҷ дудилӣ назди чашма рафта метавонистам, худро хушбахт меҳисобидам.

– Рӯбоҳе ки бо вай дӯст шудам...

– Азизам, ҳозир вақти қиссаи рӯбоҳ нест.

– Чаро?

– Барои он, ки аз ташнагӣ қариб ки мурам.

Ӯ нафаҳмид, ки ин ҷо чӣ алоқае ҳаст. Норозиёна гуфт:

– Дӯсте дошта бошӣ, хуш аст, ҳатто агар мурдан дар пеш бошад... Ман бисёр шодам, ки бо рӯбоҳ дӯст шудам...

"Вай ҳеҷ намедонад, ки ташнагӣ чӣ хавфу хатари бузурге дорад. Ҳеҷ гоҳ ташнаву гушна намондааст. Барояш нури офтоб басанда аст..."

Ман инро нагуфтам, фақат аз фикр гузаронидам. Вале Шаҳзодаи хурдакак ба ман нигариста гуфт:

– Ман ҳам ташнаам... биё, ягон чоҳе ёбем.

Ман беҳолона даст афшондам: охир дар ин биёбони беканор таваккалан чоҳ ҷустан кори бефоида аст. Вале ба ҳар ҳол мо ба роҳ даромадем.

Соатҳои дароз хомӯш роҳ мегаштем Охир торик шуд ва дар осмон ситораҳо ба чашмакзанӣ даромаданд.

Аз ташнагӣ табларзаам гирифт ва чунин менамуд, ки ситораҳоро дар хоб мебинам.

Гапҳои Шаҳзодаи хурдакак ҳар лаҳза ба ёдам меомад. Аз ӯ пурсидам:

– Яъне, ту ҳам чӣ будани ташнагиро медонӣ? Вай ҷавоб надод. Фақат гуфт:

– Об барои дил ҳам даркор аст.

Ман аз ин гапаш чизе нафаҳмидам. Вале гап назадам. Медонистам, ки аз вай ҳар чиро пурсуков кардан лозим нест.

Вай монда шуда рӯи рег нишаст. Ман аз паҳлӯяш ҷой гирифтам. Ҳар ду хомӯш будем. Баъд ӯ гуфт:

– Ситораҳо хеле зебоанд, зеро дар кадом гӯшаи онҳо гуле ҳаст. Вай аз ин ҷо наменамояд...

– Ҳа, албатта, - ҷавоб додам ман ба мавҷи реге, ки рӯяш равшании моҳ афтода буд, нигариста.

– Биёбон ҳам зебост... - илова кард Шаҳзодаи хурдакак.

Ин гап рост аст. Ба ман ҳамеша биёбон маъқул буд.

Дар теппаи рег мешинӣ, чизе наменамояд. Чизе овоз намедиҳад. Вале аз хомӯшӣ ҳам гӯё нур меборад.

– Медонӣ, аз чӣ биёбон зебост? - гуфт вай. - Дар куҷои биёбон чашмаҳо пинҳон шудаанд...

Ман аз ин гап дар ҳайрат афтодам. Акнун банохост фаҳмидам, ки чаро рег нурбор аст. Он гоҳ ки писараки кӯчаке будаму дар хонаи қадимае зиндагӣ мекардам, мегуфтанд, ки он ҷо ганҷе пинҳон аст. Дуруст аст, ки онро касе наёфт ва шояд касе онро ҳеҷ вақт наҷустааст.

Вале ба сабаби ин ривоят он хона гӯё сеҳрнок буд: дар дили худ сирре ниҳон медошт...

– Оре, - гуфтам ман. - Хоҳ хона бошад, хоҳ ситора ё биёбон, ҳар чӣ ки бошад, зеботарин чиз дар он чизест, ки бо чашм наметавон дид. - Хеле шодам, ки ту ҳамфикри дӯсти ман рӯбоҳ ҳастӣ, - хушҳолона гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

Баъд хобаш бурд. Ӯро рӯи даст бардошта ба роҳ даромадам. Ман дар ҳаяҷон будам. Гӯё ганҷи нозуке мебурдам. Ҳатто чунин менамуд, ки дар рӯи Замини мо аз ин нозуктар чизе нест. Дар равшании моҳ ман ба пешонаи сафеди ӯ, ба мижаҳои пӯшида, ба ҳалқаҳои мӯи тиллорангаш, ки шамол парешон мекард, менигаристаму ба худ мегуфтам: инҳо ҳама фақат пардаест. Чизи асосӣ он аст, ки бо чашм наметавон дид.

Лабони нимабози ӯ ба табассум моил шуданд ва ман боз ба худ гуфтам: Муассиртарин чизе дар вуҷуди ин Шаҳзодаи хурдакак, ки ҳоло хуфтааст, он аст, ки ба гул садоқат дорад, содиқ ба гулест, ки мисли чароғ ҳангоми хобаш ҳам замирашро мунаввар мекунад... Инак ҳис кардам, ки ӯ вақти хоб рафтан ба назар боз нозуктар менамояд. Ва ин чароғро бояд эҳтиёт кард: шиддати шамол метавонад онро хомӯш созад...

Ҳамин тавр ман мерафтам... ва субҳ ба лаби чоҳе расидам.

## XXV

– Одамон ба қаторҳои тезгард медароянду худашон намефаҳманд, ки чӣ меҷӯянд, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак.

– Барои ҳамин онҳо оромиро намедонанд ва худро гоҳ ба ин сӯ, гоҳ ба он сӯ мезананд...

Баъд ӯ илова кард:



— Ва ин ҳама тараддуд беҳуда аст...

Чоҳе, ки мо ба он расидем, монанди дигар чоҳҳои Саҳрои Кабир набуд. Одатан дар ин ҷоҳо чоҳ чукуриест дар рег. Аммо ин чоҳ, ки мо ҳоло дидем, чун чоҳи ҳақиқии деҳоти мо буд. Вале охир дар ин ҷо ҳеҷ гоҳ деҳе набуд ва ман фикр кардам, ки хоб мебинам.

— Аҷиб, - гуфтам ба Шаҳзодаи хурдакак. - Ин ҷо ҳама чиз тайёр аст: ҳам ғарғара, ҳам сатил, ҳам ресмон...

Вай хандид, ба ресмон даст расонд ва ғарғараро кушодан гирифт. Ғарғара мисли боднамои кӯҳнае, ки аз бешамолӣ занг задааст, ғиҷиррос мекард.

— Мешунавӣ? - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Мо чоҳро аз хоб бедор кардем ва ӯ ба сурудан оғоз намуд!

Ман метарсидам, ки вай монда мешавад.

— Ман худам об мегирам, - гуфтам. - Қувваи ту намерасад.

Ман сатилро оҳиста аз чоҳ бароварда дар тарафи сангини он боэҳтиёт гузоштам. Дар гӯшам то ҳол суруди ғарғараи ғиҷарросӣ садо медод, об дар сатил меларзид, акси офтоб, ки ба об афтода буд, низ ларзон буд.

— Мехоҳам аз ин об як қулт бинӯшам, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Бимон, серӣ бинӯшам...

Ман фаҳмидам, ки ӯ чӣ меҷуст!

Сатилро ба лабонаш бурдам. Ӯ бо чашмони пӯшида об менӯшид.

Ин обхӯрии ӯ олитарин базмеро мемонд. Ин об - оби оддӣ набуд. Обе буд, ки аз роҳи дарози таҳи ситораҳо омада, аз ғиҷирроси ғарғара, зӯри дастони ман

тавлид ёфта буд. Тухфаи дил буд. Вақте ки ман хурд будам, тухфаҳои мавлудӣ бо шӯълаи шамъҳои арча, садои арғунун, вақти ибодати нисфишабӣ, ки бо суруд пайваст мешуд, табассумҳои навозишкорона ба чашмам ҳамин сон медурахшиданд.

– Дар сайёраи ту, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак, - одамон дар як боғ панҷ ҳазор бех садбарг мерӯёнанду... вале он чӣ меҷӯянд, наметавонанд пайдо бикунанд.

– Намеёбанд, - розӣ шудам ман.

– Охир он чӣ онҳо меҷӯянд, дар як қатра об, дар як дона садбарг метавон ёфт.

– Ҳа, албатта, - розӣ шудам ман. Шаҳзодаи хурдакак боз гуфт:

– Вале чашм кӯр аст. Бо дил бояд ҷӯст.

Ман об нӯшидам. Сабук нафас мекашидам. Субҳидам рег чун асал тиллой менамуд. Ин ҳам боис шуд, ки худро хушбахт бинам. Охир чаро ғамгин шавам?..

– Ту бояд ваъдаатро иҷро кунӣ, - нарм гуфт Шаҳзодаи хурдакак, боз ба паҳлӯям нишаста.

– Кадом ваъдаамро?

– Ёд дорӣ, барои баррачаам даҳонбанд сохтанӣ будӣ... Ман охир, барои гул ҷавобгарам.

Аз кисаам расмҳоеро, ки кашида будам, баровардам. Шаҳзодаи хурдакак ба онҳо нигариста хандид: - Баобабҳои ту ба карам монанд...

– Афсӯс, ки ман бо баобабҳоям фахр мекардам!

-Гушҳои рӯбоҳат шоҳ барин! Чӣ хел дароз! Ӯ боз хандид.

– Гапи ту ҳақ нест, дӯстам. Ман ҳеҷ вақт рассом набудам, фақат гоҳе аждаре мекашидам, даруну берунашро нишон медодам.

– Ҳеҷ гап не, - ором кард вай маро. - Бачаҳо ҳамин тавр ҳам мефаҳманд.

Ман барои баррача даҳонбанд кашидам. Расмро ба Шаҳзодаи хурдакак додаму диламро чизе фишурд.

– Ту чизе аз фикр гузарондиву ба ман намегӯӣ... Вале ӯ ҷавоб надод.

– Медонӣ, - гуфт вай, - пагоҳ як сол мешавад, ки ман дар Заминам...

Вай хомӯш шуд. Баъд илова кард:

– Он ҷо ки ман афтидам, ба ин ҷо тамоман наздик...

Ва рӯяш лолагун гашт.'

Аз чӣ бошад, ки - боз диламро гароние фишурд. Ба ҳар ҳол аз ӯ пурсидам:

– Яъне як ҳафта пеш, он саҳаре, ки бо ту шинос шудам, ту ин ҷо як худат, ҳазорҳо чақрим дур аз манзили одамон, беҳуда намегаштӣ? Ту он рӯз мехостӣ ба ҷое ки афтода будӣ, баргардӣ?

Шаҳзодаи хурдакак зиёдтар сурх шуд. Ман бечуръатона илова кардам:

– Ин ҳоли ту аз он аст, ки аз омаданат як сол пур мешавад?

Вай боз сурх шуд. Ба ягон саволи ман ҷавоб надод, вале агар ба рӯи кас сурхӣ дамад ин ҳол маънои "ҳа"-ро дорад, ҳамин тавр нест?

– Ман худро ноором ҳис мекунам, - гуфтам ман.

Вале вай ҷавоб дод:

– Аз паи кор шудан лозим аст. Назди мошинаат рав. Ман туро ин ҷо интизор мешавам. Пагоҳ вақти шом баргард...

Вале ман ҳанӯз парешонҳол будам. Рӯбоҳ ба ёдам омад... Агар дастомӯзи касе шавӣ, гоҳ гиристан лозим меояд.

## XXVI

Дар наздикии чоҳ харобаҳои девори сангини кӯҳан боқӣ мондааст. Шоми дигар корҳоямро ба сомон расонида ба он ҷо баргаштам ва аз дур дидам, ки Шаҳзодаи хурдакак болои девор нишастааст ва пойҳояшро овезон кардааст. Овозашро шунидам:

– Ба ёдат нест? - мегуфт ӯ. - Он воқеа аслан дар ин ҷо рӯй надода буд.

Магар касе ба ӯ ҷавоб медод, ки эътирозашро шунидам:

– Ҳа, ин воқеа расо як сол пеш шуда буд, вале дар дигар ҷо...

Ман тезтар қадам задам. Вале назди девор на касеро дидаму на овозеро шунидам. Дар ин байн Шаҳзодаи хурдакак боз ба касе ҷавоб дод:

– Албатта. Ҳамин ки паи пои маро дар рӯи рег дидӣ, интизор шав. Имшаб ман он ҷо меоям.

То девор бист метр монда буд, вале ман ҳанӯз, чизеро намедидам.

Пас аз каме хомӯшӣ Шаҳзодаи хурдакак боз пурсон шуд:

– Заҳрат чӣ хел? Хуб аст? Намегузорӣ, ки дер азоб кашам?



Дар ҷоям истодам, дилам фишурда шуд, вале ҳоло ҳам чизеро намефаҳмидам.

– Акнун бирав, - гуфт Шаҳзодаи хурдакак. - Ман поён фаромадан мехоҳам.

Он гоҳ ман ба замин нигоҳ кардаму якбора пас ҷаҳидам. Дар поёни девор, мораки зарде, ки заҳраш касро дар ним дақиқа мекушад, ҳалқа зада ва саранро сӯи Шаҳзодаи хурдакак бардошта буд. Таппончаи киссаамро даст-даст карда ба тарафаш давидам. Вале мор садои қадамро шунида чун ҷӯйчаи хушкида ширрос карда байни рег даромаду бо садое, ки базӯр шунаво буд, оҳиста байни сангҳо гум шуд.

Ман назди девор саривақт расида Шаҳзодаи хурдакакро доштам. Ранги рӯи вай сап-сафед канда буд.

– Чӣ фикрҳоро ба сарат ҷой додаӣ, майдаяк, - хитоб кардам ман. - Барои чӣ бо морҳо ба гап даромадӣ?

Ман гарданпечи тиллорангашро, ки ҳамеша бо ӯ буд, кушодам. Чакаҳояшро тар карда маҷбурӣ об нӯшондам. Вале ҷуръат накардам, ки дигар аз ӯ чизе бипурсам. Вай ба ман ҷиддӣ нигариста дастонашро ба гарданам ҳалқа кард. Мешунидам, ки дилакаш чун дилаки мурғи нимбисмил метапад. Вай гуфт:

– Ман хурсандам, ки ту ҷои вайрони мошинатро ёфта соз кардӣ. Акнун метавонӣ ба хонаат баргардӣ...

– Ту аз куҷо медонӣ?!

Ман ҳам ҳоло мехостам бигӯям, ки хилофи чашмдошт ба ман муяссар шуд, ҳавопайморо таъмир кунам! Вай ҷавоб надод. Фақат гуфт:

– Ман ҳам имрӯз ба хона бармегардам. Баъд маҳзун илова кард:

– Хонаи ман хеле дур... ва рафтан хеле душвор аст... Ҳамаи ин аҷаб ҳайратовар буд. Ман ӯро, гӯё

кӯдаки хурдсол бошад, сахт оғӯш мекардам, вале бо вуҷуди он чунин менамуд, ки вай аз ман торафт дур мешавад, Ӯро вартаи бетаг сӯяш мекашаду дар ман қудрате нест, ки ӯро аз ин бало нигоҳ дорам.

Вай хаёломез ба дуродур менигарист.

– Ба ман баррачаи ту мемонад, қуттии баррача ҳам. Даҳонбанд ҳам...

Вай ғамгинона табассум кард.

Ман дер интизор шудам. Вай гӯё ба худ меомад.

-Ту тарсидӣ, майдаяк...

Чӣ хел ҳам наметарсид! Вале вай оҳиста хандид:



– Бегоҳ аз ин ҳам даҳшатноктар мешавад...

Аз дарки он ки фалокат ногузир ва ислоҳнопазир аст, баданамро сардӣ фаро гирифт. Наход, наход ман дигар хандаи ӯро нашунавам? Ин ханда бароям мисли чашмаест дар биёбон.

– Майдаяк, ман хандаи туро боз шунидан мехохам!..

Вале вай гуфт:

– Имшаб расо як сол мешавад. Ситораи ман дар болои чое карор мегирад, ки як сол пеш афтода будам...

– Гӯш кун, майдаяк. Охир, ин ҳама – ин мор, ин вохӯрӣ бо ситора – ҳама фақат як хоби нохуш аст, ҳамин тавр не?

Вале вай ҷавоб надод.

Муҳимтарин чиз он аст, ки бо чашм намебинӣ, - гуфт вай.

– Ҳа, албатта...

Ҳамчунон дар мавриди гул гуфтем. Агар гулеро, ки дар яке аз ситораҳои дур мерӯяд, дӯст дорӣ, шабона ба осмон нигар: ҳамаи ситораҳо мешукуфанд.

– Ҳа, албатта...

– Ҳамчунон ки дар мавриди об гуфтем. Он гоҳ ки ба ман об додӣ, об маро чун мусиқие навозиш мекард. Ғарғараву ресмон албатта ба ин сабаб буд! Ёдат ҳаст? Чунон нағз буд, ки!

– Ҳа, албатта...

– Шабона ту ба ситораҳо менигарӣ. Ситораи ман хеле хурд аст, онро ба ту нишон дода наметавонам. Хуб аст, ки ситораи ман ситораи хурдест. Агар бинӣ, он ҳам дар назарат фақат чун яке аз ситораҳо менамояду бас. Ва ту тамоми ситораҳоро дӯст хоҳӣ дошт... Ҳамаи онҳо бароят дӯст мегарданд. Ҳа, баъд... Баъд ман ба ту чизе тухфа мекунам...

Вай хандид.

– Эҳ майдаяк, майдаяк, ман хандаи туро хеле дӯст медорам!

Туҳфаи ман ҳамин аст... ин... ҳамчунон ки дар мавриди об... рӯй дод...

– Чӣ хел, яъне?

– Ҳар одам худ ситорае дорад. Ба касоне ки сафар мекунанд, ситора раҳнамост. Барои баъзеҳо он ситора фақат чароғакест. Барои олимон он ситора як муаммои ҳалталаб аст. Барои корчаллони ман тиллоест. Вале барои ҳамаи ин одамон ситора гунг аст. Ситораҳои ту тамоман ғайриоддӣ хоҳанд буд...

– Чӣ хел, яъне?

– Ту шабона ба осмон менигарӣ, мебинӣ, ки ситорае пайдост. Ман дар он зиндагӣ мекунам, ман дар он механдам ва ту мешунавӣ, ки тамоми ситораҳо механданд. Ту соҳиби ситораҳое мешавӣ, ки метавонанд биханданд!

Ва худ бихандид!

– Вақте ки ту тасаллӣ меёбӣ (оқибат ҳама тасаллӣ меёбанд) аз он шод хоҳӣ шуд, ки замоне маро мешинохтӣ... Ту дӯсти якумрии ман мегардӣ. Бо ман хандидан мехоҳӣ... Баъзан ана ин тавр тирезаро мекушоию дилат аз фараҳ лабрез мегардад... Ба осмон нигариста хандидани туро дида, дӯстонат ба ҳайрат меафтанд. Ту ба онҳо мегӯӣ: "Ҳа, ҳа, ман ҳамеша ба ситораҳо нигариста механдам". Онҳо фикр мекунанд, ки ту аз ақл бегона шудаӣ. Дидӣ, ки ман бо ту чӣ шӯхии баде мекунам?..

Вай боз хандид.

Ба ҷои ситораҳо ба ту гӯё як даста зангӯлаҳои хандонро тӯҳфа кардам...

Ӯ боз бихандид. Баъд боз ҷиддӣ шуд:

– Медонӣ... имшаб беҳтараш набиё..

– Ман туро танҳо намегузорам.

– Ту гумон мекунӣ, ки дард мекашам, ҳатто ба назарат менамояд, ки мурда истодаам. Гоҳ чунин вонамуд мешавад. Набиё, лозим нест...

– Ман туро танҳо намегузорам.

Ӯ аз чӣ бошад, ки парешон буд.

– Медонӣ, ин ҳама боз аз барои мор аст. Ба ногаҳ вай туро заҳр занад... Морҳо бадхашманд. Ба ягон кас заҳр задан ба онҳо кайфият мебахшад.

– Ман туро танҳо намегузорам. Вай якбора ором шуд.

– Рост, ки ба ду кас заҳраш намерасад...

Ҳамон шаб аз рафтанаш бехабар мондам. Вай бесадо гурехтааст. Вақте ки ниҳоят ба вай расидам, дидам, ки тез-тез бо қадамҳои қатъӣ меравад.

– Ҳа, туӣ... - гуфт вай ва аз дастам гирифт. Вале хотираш парешон буд.

– Ту беҳуда бо ман меравӣ. Азоби маро дида азият мекашӣ. Ба назарат менамояд, ки ман мемурам. Вале ин хел нест...

Ман хомӯш будам.

– Ин баробари он аст, ки пусти кӯҳнаатро партоӣ. Ин ҷо чизе нест, ки боиси ғам гардад...

Ман хомӯш будам.

Ӯ каме рӯҳафтода шуд. Вале ба ҳар ҳол боз як кӯшиш кард:

– Медонӣ, оқибат хуб мешавад. Ман ҳам ба ситораҳо менигарам. Ҳамаи ситораҳо ҳамчун чоҳи кӯҳнае, ки ғарғарааш ғиҷиррос мезанад, ҳар кадоме ба ман об медиҳанд...

Ман хомӯш будам.

– Фикр кун, чӣ хел аҷиб аст! Ту соҳиби панҷсад миллион зангӯла мешавӣ, ман соҳиби панҷсад миллион чашма!..

Ӯ якбора хомӯш шуд, зеро ки мегирист...

– Ана, расидем. Бимон, ки ман худам қадаме пеш гузорам.

Ва ӯ аз ваҳму ҳарос рӯи рег нишаст. Баъд гуфт:

– Медонӣ... Ман садбарг дорам... Ман барои ӯ ҷавобгарам. Вай чунон заиф аст, ки... Чунон дилсафед, чунон сода! Аз моли дунё фақат ҳамин чор хори ночиз дорад. Дигар ҳеҷ чизе нест, ки садбарги маро ҳимоя намояд...

Ман ҳам нишастам. Зеро мадори поям хушк шуд. Вай гуфт:

– Ана, тамом...

Ӯ баъди фурсате аз ҷояш хест. Ва фақат як қадам пеш гузошт. Ман аз ҷоям ҷунбида наметавонистам.

Зери пояш гӯё барқи зарде дурахшид. Вай лаҳзае беҳаракат истод. Фарёд накард. Баъд афтид - оҳиста, чунон ки дарахт меафтад. Оҳиста ва беовоз афтид, охир рег ҳама овозҳоро дармекашад.

## XXVII

Ва инак, шаш сол гузашт... Ҳоло ба касе аз ин бобат ҳикоят накардаам. Вақте баргаштам, рафиқонам шод буданд, ки маро зиндаву саломат мебинанд.

Ғамгин будам, вале ба онҳо гуфтам:

– Каме хастаам...

Ба ҳар ҳол, каме тасаллӣ меёфтам. Дурусттараш на чандон тасаллӣ меёфтам. Вале медонам: вай ба сайёраяки худаш баргаштааст. Охир, субҳдам ҷисми ӯро дар рег наёфтам. Ҷисмаш он қадар вазнин набуд.

Шабҳо ман гӯш кардани ситораҳоро дӯст медорам.

Гӯё панҷсад миллион зангӯла бошад...

Лекин ҳайратовар он аст, ки вақте барои баррача даҳонбанд мекашидам, фаромӯш кардаам, ки тасмачае лозим аст. Акнун Шаҳзодаи хурдакак даҳонбандро ба фуки баррачааш андохта наметавонад. Ва ман аз худ мепурсам: дар он ҷо, дар сайёраи вай, чӣ корҳое мешуда бошад? Мабодо ки баррача садбаргро хӯрда бошад?

Баъзан ба худ мегӯям: Не, албатта, не! Шаҳзодаи хурдакак шабона ҳамеша садбаргашро бо кулоҳи шишагин мепӯшонад ва барраашро низ хуб назорат мекунад... Он вақт хушбахтам ва ҳамаи ситораҳо оҳиста механданд.

Вале гоҳо ба худ мегӯям: баъзан кас парешонхотир мешавад - ку! Он вақт ҳар ҳодиса рӯй доданаш мумкин аст. Вай нохост пӯшондани кулоҳи шишагиро фаромӯш кунад, ё баррача шабона оҳиста ба озодӣ баромада...

Он вақт ҳамаи зангӯлаҳо мегирянд.

Ҳамаи ин асроромез ва номафҳум аст. Онҳое, ки низ

Шаҳзодаи хурдакакро дӯст медоред, нисбати ӯ ҳеҷ гоҳ бепарво набошед: агар дар кадом гӯшаи номаълуми кайҳон баррачае, ки дар умрамон надидаем, садбарги ношиносеро хӯрда бошад, тамоми дунё бароямон дигар мешавад.

Ба осмон нигареду аз худ пурсед: он садбарг ҳоло зинда аст ё кайҳост, ки вуҷуд надорад? Баррача хӯрда бошад?

Чунин фикр кунед, хоҳед дид, ки ҳама чиз дигар мешавад...

Ва ҳеҷ гоҳ ягон одами калонсол намефаҳмад, ки ин чӣ қадар муҳим аст!



*Ин ҷо ба фикрам ҷои аз ҳама зебову ҳузновари дунёст. Ин гӯшаи биёбон дар дигар саҳифа ҳам тасвир шудааст, вале ман онро як бори дигар кашидам, то шумо хубтар тамошо кунед. Ин ҷо Шаҳзодаи хурдакак аввалин бор дар рӯи Замин пайдо шуда буд ва баъд ғайб зад.*

*Дурусттар нигаред, то ки агар боре гузоратон ба биёбони Африқо афтад, ин ҷойро битавонед шиносед. Агар боре аз ин ҷо гузаред, хоҳиш мекунам, савганд хӯред, ки шитоб намекунед, зери ин ситора каме оҳистатар қадам мегузоред. Агар писарбачаи хурдакаки тилломӯе наздатон ояд, агар хандааш ҷарангосӣ бошаду ба саволҳои шумо ҷавобе надиҳад, албатта пай хоҳед бурд, ки вай кист. Аз шумо хеле хоҳиш мекунам, ки он гоҳ барои тасаллои дили ғамнокам зуд ба ман нависед, ки вай баргаштааст...*

**АНТУАН ДЕ СЕНТ – ЭКЗУПЕРИ**

***Шаҳзодаи хурдакак***

**Ороиши компютерӣ: Илҳом Ғиёсов**
**Муҳаррири техникӣ: Муҳаммаднабии Мансурзода**

Ба матбаа 06.02.2020 супорида шуд.
Ба чопаш 06.03.2020 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16
Ҷузъи чопӣ 6. Адади нашр 200 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025. ш. Душанбе. хиёбони Н. Қарабоев 17 «а».